# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ НОҲИЯИ РАШТ

735450 шаҳраки Ғарм кӯчаи Исмоили Сомонӣ 57 тел. 2-22-40 факс 2-22-45
Web:- «www.rasht.tj», E-mail:- hukumati.rasht@gmail.com

аз «3» октябри соли 2016. №54

## ҚАРОР

Дар бораи тасдиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2017-2020».

Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Рашт гузориши муовини якуми раиси ноҳияи Рашт Набиев Раҳим Муқимовичро «Дар бораи лоиҳаи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2017-2020» баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 8-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» қ а р о р м е к у н а д:

1. «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2017-2020» тасдиқ карда шавад.

2. Муовини якуми раиси ноҳия Р.Набиев, муовинони раиси ноҳия Лоиқова З, Манонов Ғ ва Саидов А вазифадор карда шаванд, ки дар якҷоягӣ бо масъулини соҳаҳои дахлдори ноҳия ҷиҳати татбиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2017-2020» чораҳои мушаххас андешида, масъалаи мазкурро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд ва аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда ҳар семоҳа унвонии раиси ноҳия ахбороти муфассал пешниҳод намоянд;

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия «Оид ба масъалаҳои иқтисод ва буҷет» ва «Оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, тандурустӣ, маориф, кор бо занон ва ҷавонон » гузошта шавад.

Раиси
Маҷлиси вакилони халқи
ноҳияи Рашт:- Қ.Лоиқзода

Нусха ба аслаш мувофиқ

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ РАШТ
## барои солҳои 2017-2020

**Рашт - 2016**

# МУНДАРИҶА

**Руйхати ихтисорот ............ 5**
**Пешгуфтор ............ 6**

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ**
**ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ РАШТ ............ 8**

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ ............ 12**
2.1. Соҳаи кишоварзӣ ............ 12
2.2. Саноат ............ 18
2.3. Соҳибкории хурду миёна ............ 20

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ ............ 21**
3.1. Маориф ............ 21
3.2. Соҳаи тандурустӣ ............ 23
3.3. Фарҳанг ва фароғат ............ 27
3.4. Ҳифзи иҷтимоӣ ............ 28

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР ............ 32**
4.1. Таъминот бо оби тозаи нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ ............ 32
4.2. Барқтаъминкунӣ ............ 32
4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ ............ 33
4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ ............ 34

**БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ............ 35**
5.1. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқуллода,
пешгирӣ ва кам кардани ҳолати хатари онҳо ............ 35

**БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВИИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ РУШД ............ 39**

**БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ ............ 43**

**Замимаҳо ба Барномаи рушди ноҳияи Рашт ............ 44**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АБЗО | Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ |
| БДИ | Барномаи давлатии инвеститсионӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ВЭ | Вазорати энергетика ва захираҳои об |
| ВС | Вазорати саноат ва технологияҳои нав |
| КДС | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРУ | Ҳадафҳои Рушди Устувор |

## Биниши ноҳияи Рашт (Тассаввуроти ояндаи ноҳияи Рашт)

*Рашт ноҳияи аз ҷиҳати экологӣ тоза, маркази фарҳангиву таърихӣ буда, соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва махсусан соҳаи комплекси агросаноатӣ бо назардошти технологияҳои замонавӣ ва истифодаи самараноки захираҳо табии ва моддӣ рушдёфта буда, дорои фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ мебошад, ки боиси баланд шудани дараҷаи некӯаҳволии иҷтимоӣ аҳолӣ ва инфрасохторӣ гардида, барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ва фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои зиндагии беҳатар арзёбӣ мешавад.*

# ПЕШГУФТОР

Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2017-2020 ҳамчун ҳуҷҷати асосии ноҳия афзалият ва самтҳои умумии сиёсати ноҳияро муайян менамояд, ки он барои ноил гардидан ба рушди устувори иқтисодии ноҳия, дастрасии осони аҳолӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ояндаи миёнамуҳлат нигаронида шудааст.

Мусоидат намудан ба афзоиши нерӯҳои истеҳсолӣ имконият медиҳад, ки ҷойҳои нави корӣ ташкил гардида, сатҳи зиндагии мардум беҳтар шавад.

Ҳамзамон, дар самти бештар ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ дар соҳаҳои асосии хоҷагии халқи ноҳия сол аз сол пастшавии сатҳи бекорӣ дар назар аст.

Барои ноил шудан ба ин мақсадҳо дар соҳаҳои асосии хоҷагии халқи ноҳия чораҳои мушаххас пешбинӣ гардида, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар назар дошта шудааст. Ҷалби ҳарчи зиёди сармояҳои хориҷӣ ва дохилӣ асоси амалӣ гардидани вазифаҳои гузошташуда буда, дар ин самт аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода мегарданд.

Рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2017-2020 бо назардошти зиёдшавии имкониятҳои истеҳсолӣ пешбинӣ мешавад ва дар афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ асос мегузорад.

Барномаи мазкур бо кӯмаки машваратии мутахассисони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ёрии техникии Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид, аз ҷониби Гурӯҳи корӣ, ки бо қарори Раиси ноҳияи Рашт аз 25 марти соли 2016, №148 “Дар бораи таҳияи Барномаи рушди иқтисодию иҷтимои ноҳияи Рашт барои солҳои 2016-2020” тасдиқ гардидааст, таҳия шудааст. Дар раванди таҳияи он намояндагони ҷомеаи шахрвандӣ, бахшҳои ҷамъиятиву хусусӣ ва мутахассисони соҳавии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии (МИҲД) ноҳия ҷалб гардидаанд.

Ба Барномаи рушди ноҳия 95 лоиҳа бо маблағи **240,3** млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 30 лоиҳа бо маблағи 50,2 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 28 лоиҳа бо маблағи 137,9 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 24 лоиҳа бо маблағи 45,2 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 4 лоиҳа ба маблағи 5,3 млн. сомонӣ бахши ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда ва 9 лоиҳа бо маблағи 1,8 млн. сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ рост меояд.

*Ҷадвали №1. Сарчашмаҳои маблаггузории “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2017-2020” аз рӯи соҳаҳо (млн. сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 20302 | 4100 | 4350 | 7501 | 4351 |
| Саноат ва СХМ | 17974 | 11121 | 5553 | 1300 | |
| Сохтмон | 11900 | 3800 | 5300 | 1850 | 1050 |
| БЛОКИ ИҚТИСОДӢ | 50176 | 19021 | 15203 | 10651 | 5401 |
| Маориф | 121861 | 36283 | 33483 | 30200 | 21895 |
| Тандурустӣ | 8514 | 4257 | 2757 | 1000 | 500 |

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|
| Соҳаи фарҳанг ва фароғат | 4500 | 1750 | 2000 | 750 | |
| Ҳифзи иҷтимоӣ | 3000 | 1000 | 1000 | 500 | 500 |
| БЛОКИ ИҶТИМОӢ | 137875 | 43290 | 39240 | 32450 | 22895 |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ ва ХМК | 9288,3 | 2591,9 | 2615,6 | 1916,4 | 2164,4 |
| Барқтаъминкунӣ | 19010 | 4230 | 6380 | 5630 | 2200 |
| Нақлиёт, роҳ ва алоқа | 16875 | 12595 | 1395 | 1845 | 990 |
| ИНФРАСОХТОР | 45173,3 | 19416,9 | 10390,6 | 9391,4 | 5354,4 |
| Экология ва ҳолатҳои фавқулодда | 5302 | 2051 | 1251 | 1000 | 1000 |
| Таъминоти захиравӣ | 1790 | 375 | 753 | 6 | 40 |
| АРЗИШИ БРН РАШТ | 240316,3 | 84153,9 | 66837,6 | 53498,4 | 34690,4 |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 122440,9 | 32912,1 | 35395,2 | 32334,8 | 21228,8 |
| Буҷети маҳаллӣ | 21881,8 | 8468,6 | 6499 | 3666,6 | 2731,6 |
| Сармояи хориҷӣ | 60390,3 | 27528,1 | 13981,7 | 11840,5 | 7040 |
| Сармояи дохилӣ | 33103,3 | 14745,1 | 10261,7 | 4956,5 | 3140 |
| Номуайян | 2500 | 500 | 700 | 700 | 550 |

# БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ
# ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ РАШТ

***Маълумоти таърихӣ.*** Номи Рашт аз давраи қадиммулаём ҳамчун Қаротегин, маълум буд, ки тавассути он Роҳи Абрешим мегузашт. Баъд аз ташкил шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар водии Рашт вилояти Ғарм таъсис ёфтааст ва аз 27.10.1939 то 24.08.1955 ноҳия зери тобеъи вилояти Ғарм буд. Ҳамчун ноҳия Ғарм 10 марти соли 1931 дар масоҳати 5346,9 км$^2$ ташкил ёфтааст. Мутобиқи қарори Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2001, №190 номи ноҳияи Ғарм ба ноҳияи Рашт иваз карда шуд.

***Маълумоти ҷуғрофӣ.*** Масоҳати умумии ноҳияи Рашт 4,6 ҳазор км$^2$-ро ташкил намуда, 97 фоизи масоҳати онро кӯҳҳо фаро гирифтаанд.

Ноҳияи Рашт аз ҷануб ба ноҳияи Сангвор (собиқ Тавилдара), аз ҷанубу шарқ бо ноҳияҳои Тоҷикобод ва Лахш (собиқ Ҷиргатол), аз шимолу ғарб бо ноҳияи Айнӣ ва шимол бо ноҳияи Куҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд ва аз ғарб бо ноҳияи Нуробод ҳамсарҳад аст.

Ноҳия аз сатҳи баҳр дар баландии 1350 метр ҷойгир шудааст. Дар баландиҳои 1500 то 3000 метр иқлим мӯътадил, тобистон салқин ва зимистон хунук аст. Давомнокии давраи гармо 128-216 рӯзро ташкил медиҳад. Ҳарорати миёнаи моҳи июл +18 +24$^0$С ва моҳи январ аз -5 то -10$^0$С мебошад. Миқдори боришот ба ҳисоби миёна 600-900 мм-ро ташкил медиҳад.

Ҳудуди ноҳияро аз шарқ ба ғарб дарёи Сурхоб бурида мегузарад. Ба он дарёҳои хурди бисёр ҳамроҳ мешаванд, ки калонтаринашон аз чап Руноб, Шӯрак, аз рост Оби Кабуд ва Сорбоғ мебошанд.

Ҳудуди ноҳияро хоки ҷигарранги муқаррарии кӯҳӣ, ишқори кӯҳӣ, сафеди ҷигарӣ ва сиёҳ ишғол менамояд, ки барои парвариши соҳаи растанипарварӣ муфид аст.

Дар ноҳия қариб ҳамаи намуди дарахтҳо (себ, нок, олу, чормағз, олуча, зардолу, шафтолу, тут, гелос, ангур, зранг, бодом, фарк), растаниҳои даштӣ ва бешадаштӣ мерӯянд.

Табиат ва иқлими ноҳия барои сайёҳӣ ва кӯҳнавардӣ мувофиқ аст. Аз ҷумла, дараҳои Камароб ва Ҳоит.

***Захираҳои табиӣ.*** Ноҳия Рашт аз захираҳои табиӣ бой аст. Дар ноҳия тилло, нуқра, мис, литий (металли сабуки нуқрафом), ниобий, тантал, ангиштсанги навъи кокс (антрасит – ба таври кушод ва зеризаминӣ), намак, санги мармар, маводи сохтмонӣ, оҳаксанг, хоки кулолӣ, қуму шағал ва дигар канданиҳои фоиданоку чашмаи обҳои мусаффо мавҷуд аст.

***Вазъи демографӣ.*** Ба ҳолати 1.01.2016 аҳолии ноҳияи Рашт 119,4 ҳаз. нафар ё 1,5 фоизи аҳолии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии аҳолӣ 60,1 ҳаз. нафарро мардон (50,3 фоиз) ва 59,3 ҳаз. нафарро занон (49,7 фоиз) ташкил медиҳанд. Суръати миёнаи афзоиши солонаи аҳолӣ 2,3 фоиз ва зичии аҳолӣ 21,6 нафарро дар 1 км$^2$ ташкил медиҳад.

Дар давоми солҳои 2011-2016 аҳолии ноҳия 14,5 ҳазор нафар ё 13,8 фоиз афзоиш ёфтааст. (Ҷадвали № 1).

*Ҷадвали № 2. Шумораи аҳолии ноҳия (нафар)*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Шумораи умумӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 |
| 1. | Хоҷагии аҳолӣ | хоҷагиҳо | 16750 | 17168 | 17611 |
| 2. | Аҳолӣ (аз ҷумла) | нафар | 113903 | 116745 | 119443 |
| 2.1. | Мардҳо | нафар | 57354 | 58722 | 60102 |
| 2.2. | Занҳо | нафар | 56549 | 58023 | 59341 |
| 2.3. | Кӯдакони то синни 14 сола | нафар | 46573 | 47719 | 48893 |
| 2.4. | Гурӯҳи миёнасолон (15-62 (57 барои занон) сола) | нафар | 59040 | 60492 | 61980 |
| 2.5. | Гурӯҳи калонсолон (63 58 сола ва боло) | нафар | 8163 | 8364 | 8570 |

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Шумораи умумӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 |
| 5. | Муҳоҷирони меҳнатӣ (маълумоти сатҳи ҷамоатҳо) | нафар | 7548 | 9428 | 7992 |
| 6. | Аҳолии қобили меҳнат | нафар | 59842 | 60884 | 61980 |
| 7. | Бекорон (расман бақайдгирифта) | нафар | 497 | 450 | 1055 |
| 9. | Аҳолии ба кор машғулбуда | нафар | 26200 | 26300 | 26400 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 42,6 фоиз ба кор машғул ва 12,9 фоизи он дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд. Шумораи бекорони ба қайд гирифташуда мувофиқи маълумоти оморӣ 2 фоизи аҳолии қобили меҳнатро ташкил медиҳад. Барои дар оянда таъмин намудани аҳолӣ ба ҷои кори доимӣ, таъсис додани корхонаҳои хурду миёна ба мақсад мувофиқ аст.

Ноҳия аз рӯи хусусияташ аграрӣ буда, 100 фоизи аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Ҳайати иҷтимоии аҳолии ноҳияро 100 фоиз тоҷикҳо ташкил медиҳанд. Дар ноҳия ду ҷамоати шаҳрак (шаҳракҳои Ғарм ва Навобод) ва 12 ҷамоати деҳот мавҷуд аст. Маркази ноҳия шаҳраки Ғарм мебошад.

***Тамоюлҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ.*** Рашт ноҳияи аграрӣ ба ҳисоб рафта, соҳаи саноати рӯ ба инкишоф дорад. Кишоварзӣ натанҳо соҳаи асосии пешбурди иқтисодиёт, балки хусусияти иҷтимоӣ дошта аксарияти аҳолии қобили меҳнат дар деҳот зиндагӣ мекунад. Дар доираи татбиқи ислоҳоти бахши кишоварзӣ дар заминаи хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2016 - 2600 адад хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ) ҷамоавӣ ва инфиродӣ ташкил карда шудааст. Масоҳати умумии заминҳои истифодабари корхонаҳои кишоварзии ноҳия дар ин давра 91730 гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 83156 га заминҳои лалмӣ (90,6%) ва 8574 га заминҳои обӣ (9,4%) мебошад.

Маҷмӯи маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар соли 2015 - 395,7 млн. сомонӣ, аз ҷумла соҳаи чорводорӣ 137,9 млн. сомонӣ ва соҳаи растанипарварӣ 257,7 млн. сомониро ташкил додааст.

Саршумори чорвои калони шохдор дар ноҳия ба 64993 сар, чорвои майда 145898 сар, 1401 сар асп, 20336 оилаи занбури асал ва парранда ба 105080 сар расонида шуд.

Барои баланд бардоштани даромаднокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ноҳия мушкилиҳои зерин монеагӣ менамоянд: кам будани заминҳои киштбоби обёришаванда, таъмини набудан бо тухмиҳои хушсифат, норасогии оби полезӣ, техникаи муосири кишоварзӣ, нуриҳои минералӣ, дур будани бозори фӯруши маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин ҳолати ғайриқаноатбахши заминҳои кишоварзии ноҳия.

Ҳамзамон, дар ноҳияи Рашт соҳаи саноат низ инкишоф ёфтааст. Дар ноҳия 8 корхонаи саноатӣ – ҶДММ “Камароб”, КВД КФ «Назарайлоқ», ҶДММ «Сомон-7», Филиали ҶСК «Машруботи Душанбе», ҶДММ «Файзи дастурхон», Корхонаи ордбарории шаҳраки Гарм, ҶДММ «Нон» ва Матбааи ноҳияи Рашт фаъолият менамоянд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2015 беш аз 33,1 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбати соли 2014 -10 фоиз зиёд мебошад. Дар корхонаҳои саноатии ноҳия ангиштсанг, қувваи барқ, обҳои нушокӣ ва маҳсулоти сохтмонӣ ва хӯрокворӣ истеҳсол карда мешавад.

Дар соли 2015 Нерӯгоҳҳои барқи обии «Санги кар» ва «Тутак» 1431,5 кВт\соат истеҳсоли қувваи барқ истеҳсол намуданд. Айни замон сохтмони неругоҳи обии барқии хурди “Хлак” (иқтидори 100 кВт/сот) идома дорад.

Имрӯз дар ноҳияи Рашт 112 муассисаи таҳсилоти умумӣ, аз он 57 муассисаи таҳсилоти миёна, 24 асосӣ, 31 ибтидоӣ ва 2 кӯдакистон фаъолият менамоянд ва дар онҳо 24641 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шуда, ба онҳо 1357 нафар омӯзгорон таълим медиҳанд. Оғози таҳсили 2015-2016 боз 61 нафар омӯзгорони ҷавон ба кор шуруъ намуда, мактабҳои ноҳия пурра бо омӯзгорон таъмин мебошанд. Дар 2 муассисаи томактабии амалкунанда 147 нафар кӯдакон фаро гирифта шудаанд.

*Ҷадвали №3. Маълумотнома оид ба иқтидори мавҷудаи ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳияи Рашт*

| № | Номи ҷамоатҳо | Масофа то маркази ноҳия (км) | Шумораи оила | Шумораи аҳолӣ | Мактаб | | Масҷид | | Мағоза | Клуб | Маркази фароғатӣ | Китобхона | Беморхона | Маркази саломатӣ | Бунгоҳи тиббӣ | Осиёби барқӣ | Ҷувози барқӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Мактаби миёна ва умумӣ | Мактаби ибтидоӣ | Ҷомеъ | Панҷвақт | | | | | | | | | |
| 1 | ч/шаҳ. Ғарм | - | 1375 | 8110 | 3 | 2 | 1 | 2 | 44 | 1 | 2 | 2 | 1 | 1 | 2 | 1 | 1 |
| 2 | ч/шаҳ. Навобод | 22 | 1033 | 4886 | 3 | - | 1 | 3 | 20 | 2 | 1 | 2 | 2 | 1 | - | - | - |
| 3 | ч/д. Н.Махсум | 12 | 2061 | 13762 | 8 | 2 | 1 | 7 | 33 | 2 | 1 | 7 | 1 | 2 | 6 | 1 | 1 |
| 4 | ч/д. Б.Раҳимзода | 23 | 1937 | 12114 | 11 | 4 | 1 | 7 | 30 | - | 1 | 3 | - | 1 | 8 | 1 | 1 |
| 5 | ч/д. Тагоба | 38 | 900 | 5890 | 5 | - | - | 8 | 10 | 1 | 1 | 3 | - | 1 | 3 | - | 1 |
| 6 | ч/д. Оби меҳнат | 27 | 221 | 2504 | 3 | 4 | - | 2 | 5 | 1 | - | 2 | - | 1 | 3 | 1 | - |
| 7 | ч/д. Қалъаи Сурх | 11 | 1510 | 15711 | 10 | 2 | 1 | 15 | 18 | 1 | 1 | 3 | 1 | 1 | 5 | - | 1 |
| 8 | ч/д. Хиҷборак | 15 | 666 | 5609 | 5 | 5 | - | 3 | 7 | 2 | 1 | 3 | - | 2 | 1 | - | - |
| 9 | ч/д. Аскалон | 8 | 642 | 4144 | 5 | 4 | - | 6 | 5 | 1 | - | 2 | - | 2 | 1 | - | - |
| 10 | ч/д. Навдӣ | 4 | 2493 | 15425 | 6 | 3 | - | 12 | 36 | - | 1 | 4 | - | 2 | 6 | 1 | 1 |
| 11 | ч/д. Қалъанак | 12 | 1295 | 10411 | 5 | 1 | - | 6 | 26 | 1 | - | 4 | - | 1 | 3 | 1 | 1 |
| 12 | ч/д. Ҷафр | 16 | 1281 | 7245 | 6 | 1 | - | 6 | 19 | - | - | 2 | 1 | 1 | 3 | - | - |
| 13 | ч/д. Ҳоит | 67 | 1042 | 7716 | 5 | 2 | 1 | 4 | 13 | - | 1 | 1 | 1 | 2 | 1 | 1 | - |
| 14 | ч/д. Ясман | 71 | 902 | 5916 | 3 | 5 | - | 4 | 5 | - | - | 1 | - | 1 | 2 | 1 | - |
| | Ҳамагӣ: | | 17358 | 119443 | 78 | 35 | 6 | 85 | 271 | 12 | 10 | 39 | 7 | 19 | 44 | 8 | 7 |

*Таҳлили ҳолати воқеии ноҳияи Рашт (SWOT)*

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| ❖Мавҷуд будани захираҳои бойи табиӣ (тилло, нуқра, металлҳои гуногун, ангишт, мармар, хокаи алюминий, оҳаксанг, уран, волфрам, сурма ва масолеҳи сохтмонӣ);<br>❖Мавҷуд будани иқтидори истеҳсолии соҳаи истихроҷи ангишти нави кокс (кони ангишти Назарайлоқ);<br>❖Мавҷуд будани базаи истеҳсолӣ (коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, сангҳои ороишӣ, масолеҳи сохтмонӣ, пӯсту пашм);<br>❖Шароити хуби иқлимӣ барои парвариши ҳамаизироатҳои кишоварзӣ (бахусус растанипарварӣ, боғдорӣ ва ғ.);<br>❖Мавҷуд будани заминҳои обӣ ва заминҳои лалмӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бунёди боғҳои нав;<br>❖Мавҷуд будани чарогоҳҳои васеъ барои рушди соҳаи чорводорӣ;<br>❖Мавҷуд будани захираҳои меҳнатии озод ва кадрҳои баландихтисос;<br>❖Мавҷуд будани Донишгоҳи давлатии омӯзгории ноҳияи Рашт ва омӯзишгоҳҳои касбии техникӣ, педагогӣ ва тиббӣ;<br>❖Дастрас будани инфраструктураи аввалиндараҷа;<br>❖Ҷалби сармояи муҳоҷирони меҳнатӣ барои амалӣ намудани лоиҳаҳои рушди маҳаллӣ. | • Набудани сармоя барои гузаронидани корҳои ҷустуҷӯию геологӣ ва коркарди захираҳои табиӣ, бахусус кони ангишти Назарайлоқ ва дигар конҳо;<br>• Фарсуда ва корношоям будани таҷҳизотҳои корхонаҳои саноатию КАС;<br>• Набудани нуқтаҳои қабули пашму пӯст;<br>• Дастрас набудани тухмии баландсифат барои парвариши зироатҳо ва нарасидани нӯриҳои маъданӣ (бо сабаби болоравии нарх);<br>• Набудани маблағ барои азхудкунӣ ва обёрӣ намудани заминҳо;<br>• Паст будани хадамоти байторӣ ва набудани нуқтаҳои фурӯши доруворӣ дар маркази ҷамоатҳои деҳот;<br>• Набудани ҷойҳои кори доимӣ ва паст будани музди меҳнат;<br>• Норасоии омӯзгорон ва табибон;<br>• Дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои дохилӣ, дастрас набудан ба интернет, нарасидани барқ;<br>• Мавҷуд будани баъзе монеаҳо дар самти самаранок истифода бурдани сармояи муҳоҷирон. |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| ❖Мавҷуд будани барномаҳои соҳавӣ;<br>❖Таъсис додани корхонаҳои муштарак;<br>❖Ворид намудани таҷҳизоти нави технологӣ барои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва масолеҳи сохтмонӣ;<br>❖Таъсис додани марказҳои хизматрасониҳои консалтингӣ;<br>❖Мусоидат дар бунёди НБО-и Роғун ва НБО-и Нуробод-1. | ❖Боло рафтани сатҳи таваррум;<br>❖Баланд шудани нархи сӯзишворӣ ва тарифҳои хадамотӣ;<br>❖Ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ (сел, ярч, тарма, обхезӣ, заминларза, боронгарии зиёд);<br>❖Обхезии дарёи Сурхоб ва шусташавии заминҳо;<br>❖Паҳн шудани ҳашаротҳои зараррасон ва дигар касалиҳо;<br>❖Кам шудани интиқоли сармоя аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ |

# БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1. Кишоварзӣ

Рашт яке аз ноҳияи аграрӣ маҳсуб ёфта, нақши соҳаи кишоварзӣ дар инкишофи иқтисодиёти ноҳия махсусан дар таъмини амнияти озуқаворӣ хеле баланд арзёбӣ мегардад.

Зиёда аз 88 фоизи аҳолии қобили меҳнатӣ дар деҳот истиқомат дошта, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Аҳолии деҳот қисми зиёди даромади худро аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба даст меоранд. Истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар деҳот хоҷагиҳои хонагӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мебошанд.

Кишоварзони ноҳия асосан ба истеҳсоли ғалладонагиҳо, сабзавот, картошка, полезӣ, хӯроки чорво, боғдорӣ, пилла, чорво, занбӯри асал ва моҳипарварӣ машғул мебошанд.

Мутобиқи маълумоти оморӣ ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2015 наздики 400 млн. сомониро ташкил дод, ки ин ба 93,5 фоизи соли 2014 баробар мебошад. Сабаби асосии кам шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ асосан аз ҳисоби кам шудани ҳосилнокии зироатҳои асосӣ мебошад.

*Диаграммаи № 1. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар солҳои 2013-2015 (бо млн. сомонӣ)*




Ҳадафи асосии соҳаи кишоварзӣ дар чор соли оянда – ин пайваста зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои асосӣ ҷиҳати таъмини аҳолии ноҳия бо маҳсулоти хушсифати маҳаллӣ ва таъминин амнияти озуқаворӣ маҳсуб меёбад.

Барои ноил гардидан ба ҳадафи гузошташуда дар давоми солҳои 2017-2020 иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошад:

- баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо;
- ҷорӣ намудани технологияҳои нави кишоварзӣ;
- таъмин намудани бозори дохилӣ ва берунӣ ба маҳсулоти тару тоза;
- таъсиси ҷойҳои нави корӣ.

Ҳалли вазифаҳои гузошташуда тариқи андешидани тадбирҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- ❖ Идома додани низоми ислоҳот дар соҳаи кишоварзӣ;
- ❖ Пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок барои васеъ намудани истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ;
- ❖ Ба роҳ мондани усули навӣ обёрии заминҳо;
- ❖ Таъмин намудани хоҷагиҳо ба тухмиҳои баландсифат ва нуриҳои менералӣ;
- ❖ Бо усули интенсивӣ ба роҳ мондани парвариши зироатҳо;

- ❖ Бнёди гармхонаҳо ва анборҳои замонавӣ барои нигоҳдории маҳсулот;
- ❖ Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо;
- ❖ Ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида.

***Шаклҳои ташкили соҳаи кишоварзӣ.*** Дар доираи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ба ҳолати 1.01. 2016 дар ҳудуди ноҳия 1340 хоҷагии деҳқонии фермерӣ (аз ин 36 хоҷагӣ роҳбараш зан) ва 1 кооперативи истеҳсолӣ бо 1168 саҳмиядор (46 нафар зан ё 4 %) таъсис дода шуд. Ҳоло дар ҳудуди ноҳия Ассотсиатсияҳои хоҷагии деҳқонии «Неъмат», «Механизаторон» ва «Занбӯри асал» ташкил дода шудааст, ки ба он қариб ҳамаи хоҷагиҳои фермерӣ дохил шудаанд. Ҳадафи асосии Ассотсиатсия ин тақсим намудани хоҷагиҳои калони деҳқонӣ ба хоҷагиҳои нисбатан майда, ба танзим даровардани масъалаҳои мелиоратсия ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

*Ҷадвали №4. Шумораи хоҷагиҳо дар ҷамоатҳо ба ҳолати 1.01. соли 2016*

| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Хонаводаҳо | Хоҷагиҳои деҳқонии ҷамоавӣ | Хоҷагиҳои инфиродӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | ҷ/д Тагоба | 900 | 5 | 91 |
| 2. | ҷ/д Оби меҳнат | 321 | 3 | 126 |
| 3. | ҷ/д Боқи Раҳимзода | 1937 | 11 | 185 |
| 4. | ҷ/д Нусратулло Махсум | 2061 | 4 | 295 |
| 5. | ҷ/д Навдӣ | 2493 | 7 | 230 |
| 6. | ҷ/д Қалъанак | 1295 | 5 | 306 |
| 7. | ҷ/д Ҷафр | 1281 | 4 | 107 |
| 8. | ҷ/д Ҳоит | 1096 | 5 | 190 |
| 9 | ҷ/д Ясман | 848 | 9 | 102 |
| 10 | ҷ/дАскалон | 642 | 8 | 93 |
| 11 | ҷ/дҲиҷборак | 666 | 4 | 182 |
| 12 | ҷ/дҚалъаи Сурх | 1285 | 10 | 420 |
| Ҳамагӣ | | 14825 | 75 | 2327 |

***Дастрасӣ ба техникаи кишоварзӣ.*** Таъмин будан бо техникаи муосир дар рушди соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим мебозад. Дар хоҷагиҳои кишоварзӣ 432 адад техникаву таҷҳизот мавҷуд буда, аз ин 89,0 фоизаш коршоям (277 адад) ва 11,0 фоизаш (155 адад) дар ҳолати корношоям қарор доранд. Инчунин, дар ин соҳа 303 трактор ба қайд гирифташуда, аз шумораи умумии тракторҳои мавҷуда 63,7% трактори шудгоркунанда (193 адад) ва 36,3% тракторҳои нақлиётӣ (109 адад) мебошанд. Илова ба ин, дар тавозуни хоҷагиҳои деҳқонӣ 46 адад ядаки тракторӣ мавҷуд аст, ки аз ин 40 ададаш (86,9 фоиз) омодаи кор мебошад.

Барои таъмир ва барқарорсозии техникаю таҷҳизоти мавҷуда маблағи зиёд лозим аст ва таъмири онҳо аз ҳисоби хоҷагиҳо аз имкон берун аст. Воқеан ҳам, сабаби паст шудани даромаднокии хоҷагиҳо нарасидани техника мебошад. Таи 20 соли охир ба хоҷагиҳои деҳқонӣ трактори чархдор ворид нашудааст ва ба ҳар як трактори мавҷуда 58,3 гектар замини корам рост меояд. Омили дигаре, ки ба пешрафти истеҳсоли кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад, ин маълумоти кифоя надоштани сарварони хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад.

*Ҷадвали №5. Техникаҳои мавҷудаи кишоварзӣ*
*ва ҳолати коршоямии онҳо (ба 01.01.2016)*

| № | Номгӯи техника | Ҳамагӣ | Омода | % омодагии техника |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тракторҳо | 303 | 172 | 56,7% |
| 2 | Комбайн | 3 | 2 | 66,7% |
| 3 | Ядакҳои тракторӣ | 46 | 40 | 86,9% |
| 4 | Испрҳо | 66 | 51 | 77,3% |
| 5 | Култиваторҳо | 14 | 12 | 85,7 |
| | Ҳамагӣ | 432 | 277 | 89,0 |

Дар мустаҳкам намудани базаи моддӣ – техникии соҳаи кишоварзӣ нақши аҳолӣ баланд арзёбӣ гардида, шумораи техникаҳои дар тавозуни аҳолӣ буда 257 ададро ташкил медиҳад.

Яке аз роҳҳои мустаҳкам намудани базаи моддию техникии соҳа ин васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои лизингӣ мебошад.

Мушкилиҳои мавҷуда: набудани маркази хизматрасонии техникӣ, суст будани базаи моддию техникӣ ва набудани паркҳои тракторӣ оид ба таъмири техника, норасогии қисмҳои эҳтиётӣ ва равғанҳои молиданию сӯзишворӣ, аз муҳлати муқарраргардида бештар истифода гардидани техника ва таҷҳизотҳои мавҷуда (пурра ва барзиёд истифода бурдани мӯҳлати амартизатсионии техникаҳо), набудани ташкилотҳои лизингӣ, суст будани таъминот бо техника ва таҷҳизотҳои ҳозиразамон.

***Истифодаи замин.*** Масоҳати умумии заминҳои ноҳия 461260 гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 168245 га заминҳои кишоварзӣ мебошад. Ҳарчанд масоҳати ноҳия хеле васеъ бошад ҳам, вале ҳамагӣ 3 фоиз ё 15474 га заминҳои обӣ қобили истифода мебошанд.

*Ҷадвали №6. Сохтори умумии истифодабарии заминҳои ноҳияи Рашт*

| № | Истифодабарии заминҳо | в/ч | Масоҳат, га ба 01.01.2015. |
|---|---|---|---|
| 1. | Шумораи заминистифодабарандагон | нафар | 14700 |
| 2. | Майдони умумии заминҳо | га | 461260 |
| 3. | Аз ҷумла; заминҳои кишоварзӣ | га | 168245 |
| 4. | Замини корам | га | 4739 |
| 5 | Боғҳо | га | 834 |
| 6. | Чарогоҳ | га | 161190 |
| 7. | Ҷангалу бешазорҳо | га | 3847 |
| 8. | Заминҳои зери об | га | 6229 |
| 9. | Заминҳои зери роҳҳо | га | 866 |
| 10. | Заминҳои зери иморату иншоот, кӯчаҳо ва майдонҳо | га | 1244 |
| 14. | Дигар заминҳои ғайрикишоварзӣ | га | 258217 |

Бо сабаби маҳдудияти заминҳои кишоварзӣ қобили истифода ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар сокини ноҳия 1,4 га замин рост меояд.

Бинобар сабаби маҳдуд будани захираи молиявӣ азхудкунии заминҳои нав назаррас нест, вале дар сохтори истифодаи замин тағйирот ба назар мерасад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир дар ноҳия тамоюли зиёдшавии майдони кишти зироати хӯроки чорво, картошка кишти ғалладона ба назар мерасад.

Аз рӯи истеҳсоли маҳсулоти мухталифи кишоварзӣ дар соли 2015 ба ҳар сари аҳолӣ: ғалладонагиҳо 41,0 кг, сабзавот 88,9 кг ва картошка 347 кг рост меояд.

***Растанипарварӣ.*** Ҳиссаи растанипарварӣ дар ҳаҷми истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия дар соли 2015 – 65,1 фоизро ташкил дода, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ин давра 257,7 ҳаз. сомонӣ баробар шудааст, ки нисбати соли 2013 – 19,8 ҳаз. сомонӣ зиёд мебошад.

*Ҷадвали №7. Ҳаҷми истеҳсол ва ҳосилнокии маҳсулоти растанипарварӣ дар давраи солҳои 2012-2015*

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | ченак | Солҳо | | | | с 2015 нисбати с. 2012 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Ғаллаҳо, ҳамагӣ | тонна | 4192 | 4868 | 4800 | 4901 | 116,9 |
| ҳосилнокӣ | с/га | 16,4 | 17,7 | 24,0 | 23,2 | 141,5 |
| Сабзавот, ҳамагӣ | тонна | 11688 | 12313 | 10561 | 10615 | 90,8 |
| ҳосилнокӣ | с/га | 175,5 | 179,5 | 183,0 | 170,4 | 97,1 |
| Картошка, ҳамагӣ | тонна | 58766 | 60797 | 39446 | 41405 | 70,4 |
| ҳосилнокӣ | с/га | 231,8 | 235,4 | 133,9 | 222,0 | 95,8 |
| Меваҷот, ҳамагӣ | тонна | 7921 | 7953 | 11593 | 16918 | 2,1 м |
| ҳосилнокӣ | с/га | 19,6 | 19,7 | 25,2 | 35,5 | 181,1 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки бинобар сари вақт нагузаронидани корҳои агротехникӣ коркарди замин, аз рӯи меъёри муқарраршуда таъмин накардан бо нуриҳои маъданӣ, фарсуда шудани техникаи мавҷудаи кишоварзӣ, набудани системаи киштгардон ва сари вақт таъмин нагардидани заҳрхимикатҳо сабаби нисбатан паст шудани ҳосилнокии зироатҳои асосӣ гардидааст.

***Картошкапарварӣ.*** Барои хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия яке аз соҳаҳои даромаднок ба ҳисоб меравад. Дар хоҷагиҳои ноҳия соли 2014 дар ҳаҷми 39446 тонна картошка истеҳсол шуда, соли 2015 қариб 41405 тонна ҳосил гирифта шудааст.

*Ҷадвали №8. Тамоюли истеҳсоли картошка дар солҳои 2012-2015*

| Солҳо | Майдон (га) | Ҳосилнокӣ | Истеҳсолот | Фурӯш (тонна) | Маблағи фурӯш | Арзиши сомонӣ | Фоида зарар | Даромадноки бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2012 | 2535 | 231,8 | 58766 | 35323 | 31790 | 22253 | +9537 | 42,9 |
| 2013 | 2583 | 235,4 | 60797 | 36478 | 36478 | 26263 | +10215 | 38,9 |
| 2014 | 1670 | 133,9 | 39446 | 24154 | 25361 | 19021 | +6340 | 33,3 |
| 2015 | 1865 | 222,0 | 41405 | 24843 | 29812 | 22359 | +7453 | 33,3 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки истеҳсоли картошка танҳо дар соли 2014 кам гардидааст. Имкониятҳои зиёд намудани ҳаҷми кишти картошка дар ноҳия вуҷуд дорад. Вале паст будани сифати тухмии картошка, маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои картошкапарварӣ ба қарзҳои имтиёзноку дарозмуҳлат, дур будани бозорҳои фурӯш ва набудани техникаи кишоварзии муосир ба истифодаи пурраи имкониятҳо монеа эҷод кардаанд.

***Боғдорӣ.*** Боғдорӣ шуғли асосии кишоварзони ноҳия буда, дар таъмини аҳолӣ бо меваҳои тару тоза, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии ноҳия ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосиро дорост. Обу ҳавои мусоиди ноҳия имконият фароҳам меорад, ки майдони боғҳо аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил ва зиёд намудани майдони он сол аз сол истеҳсоли меваро дар миқёси ноҳия зиёд гардида, талаботи аҳолӣ ба меваҳои тару тоза пурра таъмин ва иқтидори содироти он зиёд карда шавад.

Ба 1 январи соли 2016 майдони боғҳо дар ноҳия 4989 га расонида шудааст. Талаботи рӯзафзун ба меваю масолеҳи сохтмонӣ, бахусус чӯбу тахта (аз ҳисоби шинонидани дарахтони бемева) тақозо мекунад, ки дар оянда боғдорӣ дар ноҳия ривоҷ дода шавад. Танҳо дар соли 2015 дар хоҷагиҳои ноҳия 108 га боғи нав бунёд карда шуд.

Барқарор намудани базаи моддию техникии боғпарварӣ (истифодаю нигоҳдории заҳрхимикатҳо, нигоҳдорию кашонидани меваҷот), барқарор намудани стансияҳои муҳофизати растаниҳо ё таъмин намудани хоҷагиҳо ва аҳолӣ бо заҳрхимикатҳо вазифаҳои асосии соҳа мебошад.

*Ҷадвали №9. Нишондиҳандаҳои асосии соҳаҳои боғдорӣ дар солҳои 2013-2015*

| № | Намуди маҳсулот | ченак | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Мева | тонна | 7953 | 11593 | 16918 |
| 2. | Ҳосилнокӣ | с/га | 19,7 | 25,2 | 35,5 |
| 5. | Майдони боғҳо | га | 4653 | 5016 | 4989 |

***Обтаъминкунӣ***. Рушди соҳаи кишоварзӣ ба ҳолати системаи обёрӣ вобаста мебошад. Бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо дар ноҳия ба он оварда расонидааст, ки қисмати заминҳо аз гардиши кишоварзӣ берун монда, ҳосилнокии онҳоро кам намудааст.

Дар Барномаи қаблии рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои сохтмони қубури обгузар дар мавзеи Ҳоит аз ҷониби собиқ Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 890 ҳазор сомонӣ пешбинӣ шуда, то соли 2015-ум 591 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст, ки ин 66 фоизи маблағҳои пешбинишударо ташкил медиҳад.

Баҳри обёрӣ намудани 575 гектар замин мутобиқи нақшаи пешбинишуда 3 млн. 734 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва 1 млн. 318 ҳазор сомонӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ ба Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардидааст, мутаассифона то имрӯз новобаста аз кӯшишҳои МИҲД ноҳия ҷиҳати иҷроиши бандҳои мазкури Барнома натиҷагирӣ нашудааст.

***Чорводорӣ.*** Чорводорӣ дар баробари дигар бахшҳо яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳия мебошад. Дар соли 2015 ҳиссаи он дар маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ 34,9 фоизро ташкил дод. Дар соли 2015 хоҷагиҳои кишоварзӣ 137,9 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки нисбати соли 2014 - 3,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Сол аз сол саршумори чорво, аз ҷумла чорвои калони шохдор, бузу гӯсфанд, парранда ва асп дар ҳамаи самтҳои хоҷагидорӣ меафзояд. Ба ин иқлими созгор мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки 100 фоизи чорво ва парранда ба хоҷагиҳои шахсӣ мансуб мебошад. Ба зиёд шудани саршумори чорво дар бахши хусусӣ барҳам хӯрдани хоҷагиҳои чорводории давлатӣ мусоидат намудааст.

*Ҷадвали №10. Саршумори умумии чорво ва парранда*
*дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (сар) дар солҳои 2012-2015*

| № | Номгӯй | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2015 нисбати 2012 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Чорвои калон: | 51255 | 53795 | 57808 | 64993 | 126,8 |
| | аз он модагов | 25120 | 26060 | 28068 | 30448 | 121,2 |
| 2. | Бузу гӯсфанд | 119055 | 122910 | 130738 | 145898 | 122,5 |
| 3. | Аспҳо | 1258 | 1370 | 1381 | 1401 | 111,3 |
| 4. | Парранда | 89680 | 90980 | 98150 | 105080 | 117,2 |
| 5. | Оилаи занбӯри асал | 18295 | 19460 | 19892 | 20336 | 111,1 |

Бо мақсади афзун намудани маҳсулоти чорводорӣ, тавассути ба роҳ мондани зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво дар асоси Барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 (қарори ҲҶТ аз 30.12.15) дар ноҳия хоҷагиҳо ба парвариши чорвои хушзот машғул мебошанд ва саршумори онҳо дар ин хоҷагиҳои хонагӣ зиёд шуда истодааст.

***Занбӯри асалпарварӣ.*** Занбӯри асалпарварӣ яке аз соҳаҳои камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ мебошад. Шароити иқлимии ноҳияи Рашт барои инкишофи соҳаи занбӯрпарварӣ мусоид аст. Захираҳои мавҷудаи растаниҳои шаҳддиҳандаи ноҳия имкон медиҳанд, ки шумораи оилаи занбӯри асал зиёд карда шуда, истеҳсоли он дучанд карда шавад. Солҳои охир соҳаи мазкур дар ноҳия рушд ёфта, истеҳсоли он тадриҷан зиёд шудааст. Тӯли се соли охир шумораи оилаҳои занбӯри асал 876 адад ва истеҳсоли асал ба 11,4 фоиз афзоиш ёфтааст.

Мутобиқи нақшаи дурнамо миқдори оилаҳои занбӯри асал дар ноҳияи Рашт то соли 2020 ба 33 ҳазор оила расонида шуда, истеҳсоли он ба 880 тонна расонида мешавад. Барои боз ҳам ривоҷ додани соҳаи асалпарварӣ дастгирӣ намудани хоҷагиҳои асалпарвар ва ба онҳо додани қарзҳои камфоиз ва дарозмӯҳлат мувофиқи матлаб мебошад.

***Пиллапарварӣ.*** Иқлими ноҳия барои ба роҳ монадани кирмакпарварӣ мусоид аст. Дар баробари дигар бахшҳо соҳаи кирмакпарварӣ барои ноҳия низ яке аз соҳаҳои муҳим буда, барои ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ нақши назаррас мебозад. Мутобиқи «Барномаи соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» дар ноҳияи Рашт то соли 2020 шинонидани 69 ҳазор бех ниҳоли тут, 105 га бунёди тутзор, парвариши 800 қуттии кирмак, бунёди

комплексҳои пиллапарварӣ ба маблағи 20,0 ҳазор сомонӣ ва истеҳсоли 40 тонна пилла дар назар аст.

***Хизматрасонии байторӣ***. Дар шароити имрӯза рушди соҳаи чорводорӣ ва паррандапарвариро бе хизматрасонии босифати байтори ҷиҳати сари вақт пешгири намудани касалиҳои сирояткунанда тасаввур намудан ғайри имкон аст. Дар ноҳияи Рашт ҳолатҳои алоҳидаи гирифтор шудани чорво ба касалиҳои сиёҳрон (эмкар қарасон), зардкасал (лептоспироз), ҳори бруселёз (буғумдард) ва дигар касалиҳо дар байни чорвои калон ва моли майда ба мушоҳида мерасад.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад ин пеш аз ҳама набудани таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, нарасидани мутахассисони баландихтисос, баланд будани нархи доруворӣ ва мушкилии дастрас намудани он мебошад. Дар ноҳия дорухонаҳои бойтории шахсӣ ташкил шудааст.

Бинои идораи байтории ноҳия, ба таъмир ниёз дорад. Айнӣ ҳол, ташкил намудани клиникаҳои байтори (дар сатҳи ҷамоатҳо) бо назардошти меъёрҳои стандартӣ ва муҷаҳҳаз гардонидани онҳо бо техникаи замонави мувофиқат мекунад.

Маблағгузории нокифоя ба соҳа, имконият намедиҳад, ки мушкилоти ба миён омада вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, хушзоткунии чорво, тарғиби таҷрибаи пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илми соҳаи байторӣ чораҳои саривақтӣ андешида шавад.

***Дурнамо.*** Рушди соҳаи кишоварзӣ дарояндаи миёнамуҳлат бо назардошти азхуд намудани заминҳои нав, обёрии онҳо, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои асосӣ ва хушзоткунии чорво дар соли соли 2020 нисбат ба соли 2015 дар ҳаҷми 9,7 фоиз афзоиши маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ пешбинӣ шудааст.

*Ҷадвали №11. Дурнамои рушди кишоварзӣ дар солҳои 2016-2020 (млн. сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | 2015 хисобот | 2015 баҳо | Дурнамо | | | | | 2020 нисбати 2015 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Истеҳсоли ҳаҷми маҷмӯӣ маҳсулоти кишоварзӣ аз ҷумла: | 449548 | 395618 | 405778 | 418822 | 422161 | 428167 | 434204 | 109,7 |
| Растанипарварӣ | 303961 | 257694 | 266596 | 277047 | 280051 | 285156 | 289104 | 108,0 |
| Чорводорӣ | 145587 | 137924 | 139182 | 141775 | 142110 | 143011 | 145100 | 112,5 |

*Ҷадвали №12. Дурнамои рушди соҳаи кишоварзӣ дар солҳои 2016-2020*

| Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | Дурнамо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Ҳосилнокии зироатҳо | | | | | | | |
| Ғалла-с/га Аз ҷумла | 22,8 | 23 | 23,5 | 25 | 26 | 28 | 29 |
| Гандум-с/га | 27,8 | 28 | 28,3 | 29 | 30 | 30,2 | 30,5 |
| Картошка-с/га | 246 | 250 | 255 | 260 | 265 | 270 | 273 |
| Сабзавот-с/га | 344 | 345 | 347 | 350 | 355 | 340 | 346 |
| Меваги- с/га | 37 | 37,5 | 38 | 39 | 40 | 42 | 43 |
| Ангур- с/га | 16,2 | 16,5 | 17 | 18 | 20 | 22 | 24 |
| Истеҳсоли маҳсулоти кишоварӣ (тонна) | | | | | | | |
| Ғалла х/т | 4115 | 4140 | 4265 | 4550 | 4758 | 4760 | 4765 |
| Аз ҷумла гандум | 2002 | 2044 | 2109 | 2175 | 2280 | 2292 | 2294 |
| Картошка | 11942 | 12250 | 12622 | 13000 | 13115 | 13242 | 13254 |
| Сабзавот | 3947 | 4030 | 4073 | 4160 | 4248 | 4268 | 4269 |
| Мева | 2510 | 2531 | 2585 | 2632 | 2700 | 2810 | 2815 |
| Ангур | 26 | 26,5 | 27 | 30 | 34 | 36 | 37 |
| Саршумори чорво | | | | | | | |
| Моли калони шохдор | 29541 | 29837 | 30175 | 30512 | 30838 | 30941 | 30946 |
| Аз ҷумла модагов | 17060 | 17100 | 17252 | 17301 | 17347 | 17356 | 17361 |
| Гусфанд ва буз | 120440 | 121144 | 121917 | 127699 | 123502 | 123604 | 123708 |

Мутобиқи нишондиҳандаҳои дурнамо ва бо назардошти бартараф намудани мушкилотҳое, ки дар соҳаи кишоварзии ноҳия мавҷуд аст, ба инкишофи соҳаи кишоварзӣ такони ҷиддӣ дода, ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзӣ дар соли 2020 нисбати соли 2015, аз ҷумла картошка 110 %, гандум 109 % ва мева 116 % зиёд карда мешавад.

Мушкилотҳои соҳаи кишоварзӣ:

- Аз фаъолият бозмондани 5 шабакаи обёрӣ ва набудани қубури обгузар барои бунёди 40 га боғи нав дар мавзеи сафедкӯҳи хоҷагии М.Назриеви ҷамоати деоти Навдӣ;
- Набудани хоҷагиҳои махсусгардонидашудаи тухмипарварӣ ва аз байн рафтани хоҷагиҳои тухмипарварӣ;
- Зиёд шудани ҳашаротҳои зараррасон ва касалиҳои гуногун ва дастрас набудани маводҳои дорувории заҳркимиёҳо барои тоза намудани боғҳо;
- Набудани нуқтаҳои фурӯши доруворӣ бар зидди ҳашоротҳо ва дигар паразитҳо;
- Ҷавобгӯй набудани хадамоти байторӣ ва набудани нуқтаҳои фурӯши доруворӣ барои чорво;
- Тӯл кашидани азхудкунии 300 га замин дар мавзеи ҷамоати деҳоти Ҳоит (Дашти беоб ва Луғёзӣ) ва 160 га ҷамоати деҳотӣ Б. Раҳимзода (Варзигони деҳоти Қалъаи Сурх);
- Маҳдудияти гирифтани қарзҳои камфоиз ва дарозмӯҳлат дар соҳаи кишоварзӣ бахусус соҳаҳои растанипарварӣ, чорводорӣ ва занбӯрпарварӣ;
- Фарсуда гаштани техникаи мавҷуда дар хоҷагиҳои кишоварзӣ, набудани базаи моддию техникӣ ва техникаи ҳозиразамон;
- Саривақт таъмин нагардидани сӯзишворӣ, нуриҳои менералӣ ва дигар заҳрхимикатҳо.

## 2.2. Саноат

Соҳаи саноат яке аз самти афзалиятноки рушди иқтисодии ноҳия ба шумор меравад. Қатъи назар аз мавҷудияти захираҳои бузург ва иқтидорҳои маҳаллӣ соҳаи саноат дар ноҳияи Рашт на он қадар рушдёфта мебошад. Ҳамзамон рушди корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ ва ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти саноатӣ дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ метавонад ба таъмин намудани аҳолӣ ба ҷои кори доимӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ноҳия мусоидат намояд.

Дар ноҳия 8 корхонаи саноатӣ фаъолият менамояд, ки ҳиссаи онҳо дар ташаккули буҷети маҳаллӣ ва ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти ноҳия на он қадар назаррас аст.

*Ҷадвали №13. Намудҳои маҳсулот ва иқтидори корхонаҳои саноатӣ дар соли 2015*

| Номгӯйи корхонаҳо | Самти фаъолият ва намудҳои маҳсулот | Воҳиди ченак | Иқтидори воқеӣ | Ҳолати техникӣ | Истифодаба-рандагони маҳсулот | Миқдори умумии ҷойҳои корӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶДММ «Камароб» | Истихроҷи ангишт | тонна | 9700 | Коршоям | Бозори дохилӣ | 6/20 |
| КВДКФ «Назарайлоқ» | Истихроҷи ангишт | тонна | 52013 | Коршоям | Бозори дохилӣ | 5/25 |
| ҶДММ «Сомон-7» | Истеҳсоли хишт | адад | 135900 | Корӣ | Бозори дохилӣ | 6 |
| Филиали ҶСК-и «Машруботи Душанбе» | Оби нӯшоки ва салқинкунанда | адад | 8000 | Коршоям | Бозори дохилӣ | 3 |
| ҶДММ «Файзи дастархон» | Маҳсулоти нонӣ | сомонӣ | 273000 | Коршоям | Бозори дохилӣ | 7 |
| Корхонаи ордбарорӣ | ордбарорӣ | тонна | 222155 | Коршоям | Бозори дохилӣ | 23 |
| Матбааи ноҳия | Бланка ва чопи рӯзномаҳо | ҳаз.дона | 62,5 | Коршоям | | 3 |

Дар заминаи корхонаи ҶДММ «Сомон-7» бунёди сехи истеҳсоли хишт (бо иқтидори 3,0 млн. дона хишти шартӣ дар як сол), сехи нави истеҳсоли қуму шағал (иқтидораш 5,0 ҳазор метри мукааб) ва барқарорсозии корхонаи хурди коркарди санги мармар, ки пештар тавассути ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият дошт (кони мармарӣ: Оҳангарон, Ганчик, Тахтӣ, Сангикар, Ҳоит) дар назар аст.

Ҳамчунин, дар солҳои охир бо дастгирии соҳибкорон 8 сехи дӯзандагӣ ва 3 корхонаи хурди коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ (аз ҷумла корхонаи коркарди бо иқтидори коркарди 70 тонна) таъсис дода шудааст, ки зиёда аз 140 нафар аҳолии маҳаллӣ ба кори доимӣ таъмин шуданд.

*Диаграммаи №2. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2013-2015 (бо млн. сомонӣ)*




Дар соли 2015 дар ноҳияи Рашт ба маблағи 33,1 млн. сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2013 –ум 17,6 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Кони Назарайлоқ ба гурӯҳи конҳои нодири ангишт медароядд, ки аҳамияти стратегӣ дорад ва аз ин ҷиҳат рушди коркарди маҷмӯии кон талаботи махсуси техникию муҳандисиро талаб менамояд. Захираҳои ангишти кони Назарайлоқ – 540 млн. тоннаро ташкил медиҳад. Талабот ба ангишти Назарайлоқ дар бозори дохилӣ ва берунӣ зиёд мебошад.

Дар ҳолати дастгирии давлатӣ ба маблағи 7 млн. сомонӣ корхона имконият дорад, ки дар муддати 3 сол истихроҷи ангиштро то ба 35-40 ҳазор тонна расонад. Маблағҳои дотатсионие, ки ҳамасола барои хароҷоти корхона ҷудо карда мешавад нокифоя аст ва талаботи корхонаро таъмин карда наметавонад (137 ҳазор сомонӣ барои панҷ сол).

Корхонаи мазкур ба харидорӣ намудани 2 адад булдозери тамғаи Катерпилар, 1 экскватор ва 10 адад автомашина ниёз дорад.

***Иқтидорҳои мавҷуда.*** Ноҳияи Рашт сарзамини кӯҳсор буда, дар ҳудуди он захираҳои табиии гуногун вуҷуд дорад, аз ҷумла: захираҳои тиллои пошхӯрда, захираҳои маҳсулоти сохтмонӣ, оҳаксанг, ки дар асоси он метавонад дар оянда корхонаҳои коркарди тилло ва маҳсулоти сохтмониро ба роҳ монд. Инчунин маҳсулоти истеҳсолшавандаи соҳаи растанипарварӣ, боғу ток парварӣ ва чорводорӣ метавонад дар оянда ҳамчун сарчашмаи ашёи хоми маҳаллӣ ва замина барои бунёди корхонаҳои хурди саноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои коркарди шир, пашму пӯст ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ шавад. Истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва дар ин замина ба роҳ мондани бунёди корхонаҳои хурду миёна инчунин, метавонад ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми ноҳия, ғанӣ гаштани қисми даромади буҷети ноҳия заминаи устувор гузорад.

Истифодаи иқтидорҳои саноатӣ ва кишоварзии ноҳия минбаъд бояд бо назардошти мувозинати табиии ноҳия, ҳифзи муҳити зист ва нигоҳдории гуногунии биологӣ амалӣ карда шавад.

### 2.3. Соҳибкории хурду миёна

***Зарурияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти маҳаллӣ.*** Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар рушди иқтисодиёти ноҳия нақши калон мебозад. Ҳаҷми маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки аз ҷониби соҳибкории хурду миёна истеҳсол ва расонида мешавад, сол то сол тамоюли болоравӣ дорад. Мутобиқи маълумоти оморӣ 585 субъекти соҳибкорӣ ба қайд гирифта шуда, аз ин 450 нафар тавассути патент ва 135 нафар бо шаҳодатнома фаъолият доранд.

Аз шумораи умумии субъектҳои сорҳибкорӣ 36 фоиз дар соҳаҳои тиҷорат ва хӯроки умумӣ фаъолият мекунанд. Дар баробари ин, солҳои охир шумораи соҳибкори дар соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, иҷтимоӣ, хизматрасонии маишӣ машғулбуда низ зиёд шудааст. Ба зиёд шудани соҳибкори дар соҳаи кишоварзӣ гузаштан ба шакли нави хоҷагидорӣ ваислоҳоти замин мусоидат намуд, ки ин ба зиёд шудани истеҳсоли макҳсулоти кишоварзӣ дар миқёси ноҳия гардидааст.

Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар таъмини аҳолӣ бо ҷои корӣ бахусус дар самти кишоварзӣ нақши асосӣ мебозад. Ҳиссаи умумии шуғл дар сектори хусусӣ 39 фоизи шумораи умумии ба кор таъминшудагонро ташкил медиҳад.

Дар бахши соҳибкории хурду миёна 31 фоизи аҳолии қобили меҳнат фаъолият мекунанд, ки аз ин 11 фоиз зан мебошад. Занҳои роҳбар дар субъектҳои соҳибкории хурду миёна 9 фоиз ва дар хоҷагиҳои инфиродӣ 22 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳиссаи соҳибкории дар соҳаҳои тиҷорат ва хизматрасонӣ мутаносибан 32% ва 29 фоизро ташкил медиҳад. Таҳлили қисми даромади буҷети маҳаллӣ нишон медиҳад, ки ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби соҳибкории соҳаҳои тиҷорат, хизматрасонӣ ва кишоварзӣ шуғл дошта бештар маблағ ворид мешавад.

***Хизматрасонӣ барои рушди бизнес.*** Ба сатҳи баланди фоизи қарзи бонкиӣ нигоҳ накарда талабот байни соҳибкорони хурду миёна ба қарзи бонкӣ дар ноҳия зиёд мебошад. Дар ҳудуди ноҳия ба ғайр аз бонкҳои давлатӣ якчанд ташкилотҳои ғайридавлатии қарздиҳии хурд, аз ҷумла «ИМОН Интернейшнл», “Арванд”, “Оксус”, “Ҳумо” ва Эсхата фаъолият доранд. Дар соли 2015 тавассути ин бонкҳо 50 млн. сомонӣ ба соҳибкорон, аз ҷумла кишоварзӣ – 13 млн. сомонӣ, тиҷорат -17 млн. сомонӣ, хизматрасонӣ 4 млн. сомонӣ, сохтмон – 11 млн. сомонӣ ва дигар соҳаҳо 5 млн. сомонӣ қарз дода шудааст.

Ташкилотҳои қарздиҳии ноҳия фаъолияти худро асосан баҳри рушди соҳаҳои кишоварзӣ, соҳибкории хурду миёна ва саноат нигаронидаанд. Дар ин самт суст будани маблағгузорӣ ба соҳаҳои сохтмон ва қонеъ гардонидани талаботҳои иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад.

Ҳоло соҳибкорони ноҳия ба кӯмакӣ машваратии касбӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва рушди бизнес (бахусус ба масъалаи баромадан ба бозори ҷаҳонӣ, рушди инноватсионӣ), таҷҳизотҳои лизингӣ ва техника, дастрасӣ ба ахборот, ҳамчунин дастрасӣ бо сохтори кӯмакрасон (бизнес инкубатор, маркази бизнесӣ) ниёз доранд.

***Мушкилоти соҳибкорӣ.*** Мушкилоти асосии монеаи рушди соҳибкории хурду миёна дар ноҳия ин набудани маблағҳои худӣ барои сармоягузорӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ; мушкилот дар дастрасӣ ба қарзҳо (фоизи баланди қарз, набудани молу мулк барои гарав); набудани малакаҳои лозима барои ташкил ва идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус дар байни занон, ба фурӯш бароварда натавонистани маҳсулотҳои истеҳсолшуда мебошад.

# БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

## 3.1. Маориф

Маориф яке аз соҳаи муҳимест, ки дар рушди ҷомеа ва ноил гардидан ба як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ва таъмини маълумоти босифат омили асосии расидан ба рушди устувор ва одилона аст.

Дар давоми солҳои 2017-2020 барои ноҳия соҳаи маориф дар қатори дигар аввалиятҳои на ҳамчун ҳадафи асосӣ, балки чун шарти рушди ояндаи ноҳия боқи монда, татбиқи самтҳои масъалаҳои дастрасӣ ба таълим ва сифати таълимро дар бар мегирад. Барои беҳтар намудани сифати таълим дар чор соли оянда дар мадди аввал бояд ниёзмандии муассисаҳои таълимии ноҳия ба омӯзгорон таъмин карда шаванд. Муассисаҳои таълимии ноҳия ба 139 нафар омӯзгори фанҳои мухталиф эҳтиёҷот доранд.

**Сатҳи умумии маълумотнокӣ.** Сатҳи умумии маълумотнокии аҳолии ноҳияи Рашт, аз ҷумла занон солҳои охир зиёд шудааст.

*Ҷадвали №14. Сатҳи маълумотнокӣ*

| Солҳо | 2015 | |
|---|---|---|
| Сатҳи маълумотнокӣ | Ҳамагӣ | аз он ҷумла занон |
| Маълумоти олии касбӣ | 8057 | 403 |
| Маълумоти миёнаи касбӣ | 17354 | 2657 |
| Маълумоти миёнаи умумӣ | 34089 | 24883 |

***Маълумоти томактабӣ***. Мутобиқи маълумоти расмии оморӣ дар ноҳия шумораи умумии кӯдакони томактабӣ 9370 нафарро ташкил медиҳад, вале фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ ҳамагӣ 9,7 фоиз мебошад. Дар ноҳия 2 боғчаи бачагона бо фарогирии умумии 167 нафар кӯдак (дар ҳашт гурӯҳ) ва 37 маркази рушди кӯдакони синни томактабӣ бо фарогирии 742 нафар кӯдакони шашсола фаъолият мекунад. Боғчаи бачагонаи №1 ш.Ғарм барои фарогирии боз 50 нафар кӯдакон имконият дорад.

Дар боғчаи кӯдакон системаи гармидиҳии буғи ба кор сар намуд, вале то ҳол мушкилоти нарасидани ангишт ва ду коргари доимӣ коркунанда боқи мондааст.

***Маълумоти миёнаи умумӣ***. Дар ҳудуди ноҳия 57 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 24 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ ва 31 муассисаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ фаъолият менамоянд. Дар ин муассисаҳои таълимии ноҳия таҳсил асосан бо забони давлатӣ сурат мегирад.

*Ҷадвали №15. Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ (нафар)*

| Синфҳо | 2013-2014 | | | | 2014-2015 | | | | 2015-2016 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | фоиз духтар | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | фоиз духтар | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | фоиз духтар |
| I-IV | 9420 | 4982 | 4438 | 47 | 9874 | 5098 | 4776 | 48 | 10462 | 5412 | 5050 | 48,27 |
| V-IX | 11204 | 5795 | 5409 | 48 | 11200 | 5832 | 5368 | 48 | 11253 | 5810 | 5443 | 48,37 |
| X-XI | 2570 | 1480 | 1090 | 42 | 2744 | 1589 | 1155 | 42 | 2926 | 1687 | 1239 | 42,35 |
| Ҳамагӣ: | 23194 | 12257 | 10937 | 47 | 23818 | 12519 | 11299 | 47 | 24641 | 12909 | 11732 | 47,62 |

Маълумоти расмӣ нишон медиҳанд, ки шумораи хонандагон сол то сол зиёд шудаистодааст.

Мутобиқи «Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015” то имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти

умумии ноҳия 76 синфи компютерӣ, 652 адад компютер, 120 адад принтер, 70 адад генератор мавҷуд аст, ки барои таълими хонандагон кифоя мебошад. Барномаи компютеркунонӣ 100% иҷро гардид. Мушкилоти асосии муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия ва паст шудани сифати таълиму тарбия, ин нарасидани омӯзгорони соҳибихтисос (139 нафар), махсусан муаллимони забонҳои русӣ ва англисӣ, математика, физика, химия, кӯҳна шудани методикаи таълим ва маводи таълимӣ, фарсудашавӣ ва кифоя набудани ҷои нишаст дар биноҳои таълимӣ, корношоям будани системаҳои гармидиҳӣ, набудани оби тозаи нӯшокӣ, ҳоҷатхонаҳои алоҳида барои писарон ва духтарон, нарасидани маводи таълимӣ ва адабиёт, ҷалб нашудани падару модарон ва аҳли ҷомеа, инчунин қувваи барқ мебошад.

Дар мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳия афзоиши теъдоди омӯзгорони дорои маълумоти олӣ ба назар мерасад (Ҷадвали 16).

*Ҷадвали №16. Шумораи умумии омӯзгорон (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | 2013-2014 | 2014-2015 | 2015-2016 |
|---|---|---|---|
| Шумораи умумии омӯзгорон | 1309 | 1382 | 1527 |
| аз ҷумла, занон | 286 | 316 | 314 |
| Олӣ | 682 | 732 | 819 |
| аз ҷумла, занон | 128 | 136 | 146 |
| Олии нопурра | 49 | 57 | 97 |
| аз ҷумла, занон | 8 | 7 | 22 |
| Миёнаи касбӣ | 495 | 483 | 562 |
| аз ҷумла, занон | 121 | 133 | 132 |
| Миёнаи умуми | 83 | 110 | 49 |
| аз ҷумла, занон | 29 | 41 | 14 |

Дар назди шӯъбаи маориф 1 маркази таҳсилоти иловагӣ мавҷуд буда, дар он 12 маҳфил, аз қабили: рассомӣ, суратгирӣ, дӯзандагӣ, гулпарварӣ, варзишӣ, техникони ҷавон ва эҷодӣ фаъолият доранд.

***Муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ***. Дар ноҳия Доникадаи омӯзгорӣ, коллеҷи тиббӣ, коллеҷи омӯзгорӣ, литсеи касбӣ-техникии №61 фаъолият доранд, ки ҳамасола дар омода намудани кадрҳои баландихтисос барои водии Рашт нақши калон мебозанд.

***Барқарорсозии инфраструктураи мактабӣ***. Барои беҳтар намудани сифати таълим дар давоми солҳои 2017-2020 бунёди муассисаҳои таълимӣ, синфхонаҳои нав, аз таъмир баровардани як қатор муассисаҳои таълимӣ ба итмом расонидани бинои мактабҳои сохтмонашон нотамом, бунёди мактабҳои замонавии ба талаботи кунунӣ ҷавобгӯй ва таҷҳизонидани онҳо бо таҷҳизотҳои нав дар назар аст.

*Ҷадвали №17. Мушкилиҳои муассисаҳои маорифи ноҳияи Рашт*

| Номгӯи мушкилотҳо | Номгӯи муассисаҳои таълимии ноҳия | % аз шумораи умумии мактабҳо |
|---|---|---|
| Сохтани биноҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ | №76-деҳаи Қаландак, №10-деҳаи Тагоба, №18-деҳаи Яшм, №41-деҳаи Мулло Барот, №28-деҳаи Кочон, №14-деҳаи Ярхаб, №46-деҳаи Ғавосиён, №37-деҳаи Қулло, №53, деҳаи Себистон, №102-деҳаи Чакиҳо, №33-деҳаи Аскалон, №64-деҳаи Ярхич, №30 деҳаи Лойоба, №7- деҳаи Шулмак, №44-деҳаи Боғистон, №22-деҳаи Ҳоит, №86 -деҳаи Қалъаи Мақсуд, сохтмони бинои нави «Маркази таҳсилоти иловагӣ» дар маркази ноҳия, №82-деҳаи Чорбоғ, №83-деҳаи Фурудгоҳ, №51-деҳаи Машконак, №16-деҳаи Чашмаи Қозӣ, №69-деҳаи Қалъаи Шайх | 18,75% |
| Сохтани синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти | №19 - деҳаи Амирбек, №67 - деҳаи Навдонак, №45 - деҳаи Руноб, №38 - деҳаи Кул, №20 - деҳаи Нимичак, №49- деҳаи Хуфак, №57- деҳаи Мулло Бадал, №75- деҳаи Баҳодуробод, | 11,6% |

| Номгӯи мушкилотҳо | Номгӯи муассисаҳои таълимии ноҳия | % аз шумораи умумии мактабҳо |
|---|---|---|
| умумӣ | №71 - деҳаи Рувоз, №79 - деҳаи Даҳана, №84 - деҳаи Ҳалқарф, №112- деҳаи Нимичи боло ва №95-деҳаи Шулдур | |
| Идомаи муассисаҳои таълимӣ | № 25,3,27, Мактаби хонандагони болаёқат | 2,67% |
| Набудани мактабҳои нав | дар деҳаи Туғак | 1,78% |
| Аз нав ба кор даровардани системаи буғии муассисаҳои таҳсилоти умумии | №1,12,60,23,32,29,26 | 4,46% |
| Набудани хатти оби нӯшоки дар мактабҳо | №57,80, | 5,35% |
| Сохтани толори варзиши дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумии | №22,40,26,28,34 | 4,46% |

Бинобар ин, ҳадафи асосии соҳаи маориф дар давоми солҳои 2017-2020 ин:

***1. Баланд бардоштани сифати таҳсилот дар зинаҳои таҳсилоти то мактабӣ, миёнаи умумӣ, таҳсилоти иловагӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;***

***2. То 10 фоиз фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ;***

***3. Беҳтар намудани инфрасохтори соҳаи маориф;***

***4. Таъмини пурраи деҳаҳои ноҳия бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.***

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои асосӣ вазифаҳои зерин пешбини шудааст:

1. *То соли 2020 таъмин бояд кард, ки тамоми хонандагон (ҳам писарон ва ҳам духтарон) имкони гирифтани таҳсилоти босифатро дошта бошанд.*

2. *Таъмини таҳсилоти асосии умумӣ (синфҳои 1-9) ва пурра аз байн бурдани нобаробарии миёнаи ҷинсҳо дар маълумоти миёнаи умумӣ (сифҳои 1-11).*

3. *Муҳайё намудани шароит барои гузариш ба низоми таҳсилоти умумии 12-сола.*

4. *Дар доираи талаботи стандарти таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо ҷои нишаст, воситаҳои айёнӣ ва техникии таълим, китобҳои дарсӣ ва омӯзгорони соҳибихтисос;*

5. *Бунёди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва синфҳои иловагӣ дар 23 деҳаҳои миқёси ноҳия;*

6. *Таъмиру барқарор намудани низоми гармидиҳии муассисаҳо ва таъмин намудани онҳо бо оби хушсифати нӯшокӣ.*

Барои дар давоми солҳои 2017-2020 амалӣ намудани ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда татбиқи чунин тадбирҳо дар назар аст.

- *бунёди муассисаҳои таълимии замонавӣ ва синфҳои иловагӣ (муасисаҳои томактабӣ ва мактабҳо)дар 23 деҳаи миқёси ноҳия;*
- *барқарорсозии инфрасохтори муассисаҳои томактабӣ, мактабӣ ва таъмин намудани онҳо бо оби хушсифати нӯшокӣ;*
- *таъмини хонандагон бо китобҳои дарсӣ, асбобу аёнияти хониш, китобҳои тозанашр, техникаи компютерӣ ва дастурҳои методӣ;*
- *таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони соҳибихтисос;*
- *барои ташкили босифати хониш ва идоракунии мактабҳо ҷалб намудани ҷомеа, волидайн, омӯзгорон, талабагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ;*
- *қисман гузаронидани таъмиру барқарорсозии низоми гармидиҳии муассисаҳои соҳаи маорифи миқёси ноҳия;*

**3.2. Соҳаи тандурустӣ**

***Ҳолати умумӣ.*** Бахши тандурустӣ дар ноҳия яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятнок маҳсуб мегардад. Шумораи аҳолии ноҳияи Рашт ба ҳолати 1 январи соли 2016 зиёда аз

119745 нафарро ташкил медиҳад. Ба аҳолии ноҳия Муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, сохтори госпиталӣ, коллеҷи тиббӣ ва Маркази назорати давлатии санитари-эпидемиологӣ хизмати тиббӣ мерасонанд. Дар Маркази саломатии ноҳия Маркази репродуктивӣ фаъолият мекунад, ки барои солим таваллуд намудани фарзандон ва беҳ намудани сатҳи репродуктивии занони ноҳияи Рашт вазифадор мебошад.

***Солимии модарон.*** Беҳдошти солимии модарон татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва ҳамзамон фаъолияти хуби муассисаҳои КАТС, хадамоти патронажӣ ва тибби оилавӣ нақши асосиро иҷро мекунанд. Масъалаҳои пешрафт ва ҳифзи саломатии модару кӯдак пеш аз ҳама ба ҳалли саривақтии мушкилоти соҳа дар сатҳи маҳал, паҳн намудани иттилоот дар байни ҷамоатҳо, ба роҳ мондани фаъолияти мукаммали гуруҳҳои корӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ, гузаронидани таҳлили амиқ, омӯзиш ва ташхиси саривақтии беморихо аз ҷониби муассисаҳои тандурустии ноҳия алоқаманд мебошад.

Тайи солҳои охир шумораи таваллуд дар хона пайваста коҳиш ёфта истодааст, ки чунин ҳолат аз фаъол гаштани муассисаҳои тиббӣ ва амалӣ гаштани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ дарак медиҳад.

*Ҷадвали №18. Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва хона, сатҳи фавти модар*

| Нишондодҳо | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|
| Шумораи умумии таваллуд | 3023 | 3386 | 3404 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 1390 | 1920 | 2165 |
| бо фоиз | 46 | 58 | 63 |
| Таваллуд дар хона | 1633 | 1466 | 1239 |
| бо фоиз | 54 | 42 | 37 |
| Фавти модар (шумора/ шумора ба 100 ҳаз з/т) | 33 (1) | 29,5 (1) | 29,3 (1) |

Солҳои охир дар ноҳия коҳишёбии индекси солимии модарон ба назар мерасад. Сабаби ин гирифтор будани занони ҳомила ба бемориҳои экстрагенеталӣ (аз ҷумла, бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар ва ғайра), саривақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, зоиш дар синни бармаҳал, дастрасӣ надоштан ба маводҳои пешгирикунандаи ҳамл, сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва камбизоатии занон мебошад. Бо вуҷуди саривақт ошкор гардидани бемориҳои экстрагениталӣ дар байни занон тибқи маълумоти коршиносони маҳаллии соҳаи тандурустӣ мушкилоти асосӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ба занҳои ҳомила ин саривақт муроҷиат накардани онҳо ба духтурон мебошад.

Дар ноҳияи Рашт ба ҳолати 1.01.2016 шумораи занҳои қобили таваллуд 27700 нафарро ташкил медиҳанд. Шумораи таваллуд дар соли 2015 ба 3404 нафар расид, ки нисбат ба соли 2014 ба миқдори 18 таваллуд зиёд мебошад.

*Ҷадвали №19. Камхуни ва норасоии йод дар организми занҳои қобили таваллуд*

| Нишондиҳанда | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои ҳомила ва аз ҳомила баромадагӣ | 4580 | 5620 | 5208 |
| Камхуни вобаста бо норасоии оҳан | 1205 | 1132 | 1092 |
| Бо фоиз (%) | 26,3 | 20,1 | 20,9 |
| Ҳолатҳои норасоии йод | 509 | 336 | 427 |
| Бо фоиз (%) | 11,1 | 5,9 | 8,1 |

Таҳлил нишон дод, ки дар давоми солҳои 2013, 2014 ва 2015 камхунӣ миёни занҳои ҳомила ва баъди таваллуд мунтазам коҳиш ёфта истодааст. Сабаби асосии кам шудани бемориҳои камхуни миёни занҳои қобили таваллуд ин дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани табобат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ мебошад.

Чунин ҳолат дар бемории ҷоғар низ мушоҳида мешавад. Мутаассифона дар бисёр ҳолатҳо ин ба гирифтории оризаи ҳомиладории занҳо ва ҳатто ба фавти модару кӯдак оварда мерасонад.

Барои мусоидат намудан ба солимии репродуктивии занон дар соли 2015 Маркази солимии репродуктивии ноҳияи Рашт 8237 нафар занҳоро қабул кардааст, ки ба 1679 нафари онҳо ёрии контрасептивӣ расонида шудааст. Айни ҳол 14037 нафар ё, ки 50,5 фоизи занҳои қобили таваллуди ноҳия аз маводҳои контрасептивӣ истифода мебаранд. Дар ҷамоатҳои деҳоти Қалъаи сурх, Нимич, Н. Махсум, Аскалон, Ясман, Қалъанак, Оби меҳнат, Тагоба ва Б. Раҳимзода муоинаи аҳолӣ аз ҷумла занони ҳомила ва кӯдакон бо ҷалби кормандони саҳроӣ дар байни занҳои синну соли репродуктивӣ дарсҳои омузишӣ дар мавзуъҳои «Хатари исқоти ҳамл ба саломатии занон», «Воситаҳои пешгирии ҳомиладории номатлуб», «Танзими оила», «Бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда» ташкил карда шуд.

Самти муҳими дигари фаъолияти муассисаҳои тандурустии ноҳия ин хизматрасонӣ ба кӯдакон мебошад.

*Ҷадвали №20. Сатҳи фавти кӯдакон дар солҳои 2013-2015*

| Нишондод | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|
| Фавти кӯдакони то 5 сола (аз рӯи 1000 з/т) | 61 | 56 | 47 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 20,1 | 16,5 | 13,8 |
| Фавти кӯдакони то 1 сола (аз рӯи шумора 1000 з/т) | 49 | 44 | 38 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 16,2 | 12.9 | 11,1 |

Сабаби асосии паст шудани фавти кӯдакон ин рушди тибби оилавӣ ва баланд гардидани хизматрасонӣ дар самти саривақт табобат намудани занони ҳомила ва кӯдакони онҳо ба ҳисоб меравад.

***Бемориҳои сироятӣ.*** Дар баробари дигар вазифаҳо дар шароити кунунӣ яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои тандурустии ноҳияи Рашт аз пешгирӣ намудани бемориҳои сироятӣ иборат мебошад

Дар ноҳия ҳамасола ҷиҳати коҳиш додани гирифторӣ ба бемориҳои гелминтоз мунтазам маъракаҳои бекирмгардонӣ тавассути истеъмоли ҳабҳои албендазол гузаронида мешавад.

*Ҷадвали №21. Тамоюли бемориҳои сироятӣ дар солҳои 2013-2015*

| Намуди бемориҳои сироятӣ | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|
| Бемории сил | 61 | 43 | 65 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 55,4 | 40,9 | 54,2 |
| Гелминтоз | 534 | 621 | 1093 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 46,5 | 52.8 | 91,2 |
| Бемории ВНМО | 2 | 3 | 9 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 1,8 | 2,7 | 7,5 |

Оид ба мубориза бар зидди бемориҳои вараҷа дар ноҳия Нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, ҳамаи бемориҳое, ки бо таби баланд ба беморхона муроҷиат намуданд, аз ташхис гузаронида, чораҳои амалӣ андешида шудааст. Дар доираи “Дастурамал оид ба эпидемалогия, нишонаҳо, ташхиси озмоишгоҳи, табобат ва пешгирии гелментозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки дар ноҳия нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, ба таври ройгон беморон ташхис ва табобат карда шудааст.

Дар баробари ин, гирифторӣ ба бемории ВНМО дар соли 2015 нисбат ба соли 2014 ба 5 нафар зиёд шудааст, ки хеле ташвишовар ба мушоҳида мерасад. Сабаби асосии баланд гаштани нишондиҳандаи мазкур ба муҳоҷирати меҳнатӣ, нашъамандони тазриқӣ (истифодаи чандинкаратаи сӯзандору) марбут буда, инчунин аз ҳисоби танфурӯшии занон ба вуқуъ пайвастааст.

Дар давоми солҳои 2013-2015 ба муассисаҳои тандурустии ноҳия қисман таҷҳизоти тиббӣ ворид карда шуд, ки қисман заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббиро беҳтар гардонид.

***Бемориҳои ғайрисироятӣ.*** Дар ноҳия бемориҳои захми меъда, газаки меъда, сирози ҷигар, газаки шадиди шушҳо, газаки гурда, тарбод, ғадуди дарунӣ, камхунӣ, ҷоғар ва бемории ишемияи дил солҳои охир афзоиш ёфтааст. Сабаби афзоиши ин бемориҳо паст будани маърифатнокиии аҳолӣ доир ба пешгирии бемориҳо, тарзи ҳаёти солим, саривақт муроҷиат накардан ба муассисаҳои тиббӣ, камбизоатӣ, баланд будани нархи доруворӣ ва набудани шароити иҷтимоӣ мебошад.

***Сохтори соҳаи тандурустӣ ва раванди ислоҳот.*** Системаи тандурустии ноҳия аз муассисаҳои госпиталӣ ва КАТС иборат аст.

*Ҷадвали №22. Муассисаҳои тиббии ноҳияи Рашт*

| Сохтори шабакаҳои КАТС | Шумораи умумии муассисаҳои КАТС | 67 |
|---|---|---|
| Маркази саломатии ноҳия | | 1 |
| Марказҳои саломатии деҳот | | 19 |
| Бунгоҳи саломатӣ | | 47 |
| Муассисаҳои госпиталӣ | Ҷамъ: | 6 |
| | Беморхонаи марказӣ барои 226 кат | 1 |
| | Беморхонаи минтақавӣ барои 85 кат | 4 |
| | Диспансери байниноҳиявии бемориҳои рӯҳӣ 60 кат | 1 |
| | Маркази репродуктивии занон | 1 |
| | Маркази тарзи ҳаёти солим | 1 |
| | Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакон | 1 |
| | Маркази мубориза бар зиддикасалии сил | 1 |
| | Маркази СПИД | 1 |
| | Маркази эмтаъминкуни | 1 |
| | Маркази бемориҳои тропикӣ | 1 |
| | Маркази байниноҳиявии тиббӣ-клиникии тиббӣ оилави | 1 |
| Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ | | 1 |
| Шуъбаи ёрии таъҷилии тиббӣ | | 1 |

Мувофиқи равандҳои нави ислоҳоти тандурустӣ ва татбиқи самараноки «Стратегияи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Тоҷикистон» ташкил дода шудааст. Дар муассисаи мазкур барои тайёр намудани кормандони соҳаи тиб модули нави тарзи идоракунӣ ва маблағгузорӣ тартиб дода шудааст, ки тавассути он кормандони соҳа омӯзонида мешаванд.

Айни замон дар муассисаҳои тандурустии ноҳия норасогии мутахассисони дорои маълумоти олӣ ба назар мерасад, аз ҷумла руҳшинос-2 нафар, рентгенолог-1 нафар, сироятшинос-2 нафар, неонатолог-1 нафар, нарколог-1 нафар. духтури чашм -1 нафар.

*Ҷадвали №23. Гуруҳбандии кормандони муассисаҳои табобатию профилактикии ноҳияи Рашт*

| Муассисаҳои табобатию профилактики (МТП) | Ҳамаи кормандон | Бо маълумоти олӣ | Бо маълумоти миёна | Дигар кормандон |
|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 415 | 54 | 243 | 118 |
| ба ҳисоби фоиз (%) | 100 | 13,6 | 58,5 | 28,4 |
| Бахши госпиталӣ | 428 | 77 | 155 | 196 |
| ба ҳисоби фоиз (%) | 100 | 17,9 | 36,2 | 45,7 |

***Иштироки ҷомеа дар беҳтар намудани саломатӣ.*** Дар ноҳия барои ҳалли масъалаҳои солимии аҳолӣ иштироки ҷомеа қариб ба назар намерасад ва ташаббусҳои

аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию гигиенӣ начандон хуб зоҳир мегарданд. Фаҳмиши аҳолӣ вобаста ба пешбурди тарзи ҳаёти солим дар сатҳи паст қарор дорад.

Барои беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ дар ноҳия як қатор мушкилиҳои инфрасохторӣ монеагӣ менамоянд ва ҳалли онҳо дар чор соли оянда самти асосии Барномаи мазкур аст ва ҳалли онҳо ҳолати хизматрасонии тиббиро ба аҳолӣ бо сифат ва осон мегардонад, аз ҷумла:

- набудани дастгоҳи рентгени рақамӣ дар ноҳия;
- пайваст набудани муассисаҳои тиббӣ ба хатҳои оби нӯшокӣ.

### 3.3. Соҳаи фарҳанг ва фароғат

***Фарҳанг.*** Бахши фарҳанги ноҳияи Рашт сохтори асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия буда, фаъолияти он барои саривақт ва самаранок татбиқ намудани сиёсати фарҳангӣ ва маънавии давлат равона шудааст. Теъдоди кормандони бахши мазкур 152 нафар буда, аз он 87 нафарашон занҳо мебошанд. Аз шумораи умумии кормандони шӯъба, 6 нафар дорои маълумоти олии касбӣ, 129 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва боқимонда дорои маълумоти миёна мебошанд. Музди миёнаи кормандони шӯъбаи фарҳанги ноҳия 430 сомониро ташкил медиҳад.

Мувофиқи маълумоти расмӣ дар соли 2015 дар ноҳияи 62 муассисаи фарҳангӣ ва фароғатӣ, зиёда аз 13 мавзеъҳо ва ёдгориҳои таърихӣ ба қайд гирифта шудаанд. Дар ноҳия инчунин 91 масҷид, аз ҷумла 6 адад масҷиди ҷомеъ, 174 адад чойхона, 3 адад меҳмонхона мавҷуд мебошад.

*Ҷадвали №24. Муасиссаҳои фарҳангии ноҳияи Рашт*

| № | Номгӯи муассиса | Шумора |
|---|---|---|
| 1 | Китобхонаи марказӣ | 2 |
| 3 | Китобхонаи деҳотӣ | 36 |
| 4 | Китобхонаи бачагона | 2 |
| 6 | Кохи фарҳанг | 1 |
| 7 | Хонаи фарҳанги деҳотӣ | 13 |
| 8 | Клуби деҳотӣ | 3 |
| 9 | Осорхона | 2 |
| 10 | Боғи фарҳангӣ | 2 |
| 11 | Мактаби санъати бачагона | 1 |
| Ҳамагӣ: | | 62 |

Дар деҳот клубҳои фарҳангӣ қисман таъмир шуда бошанд ҳам, бештари онҳо ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Инчунин клубҳои мазкур ҷойҳои нишаст надоранд ва ё дар ҳолати фарсуда мебошанд, асбобҳои мусиқии миллӣ ва барқӣ намерасанд. Дар асл клубҳо қисман аз фаъолият боз мондаанд. Дар баъзе ҳолатҳо онҳо аз тарафи гурӯҳҳои ҳаваскори маҳаллӣ истифода мешаванд ва дар онҳо чорабиниҳо гузаронида мешаванд вале ҳолати клубҳо ба талабот ҷавобгӯ нест. Фаъолияти маҳфилҳои эҷодию адабие, ки дар клубҳои деҳот амал менамоянд, аз сабаби маҳдуд будани маблағ ба талабот ҷавобгӯ нест. Аз ин сабаб барои самаранок ҳал намудани ин масъала айни замон ҷалб намудани иқтидори ҷомеа ва соҳибкорон айни муддаост.

Дар ноҳия мактаби санъати бачагона мавҷуд мебошад, ки дар он 11 нафар муаллимон, аз он 4 нафар бо маълумоти олии касбӣ, боқимонда дорои маълумоти махсуси касбӣ буда, ба 73 хонандагон дониши мусиқӣ меомӯзонанд. Дар мактаб асосан аз рӯи ихтисосҳои фортепиано, рубоб, таблак, ғиҷҷак, най, аккордеон, санъати овозхонӣ ва рассомӣ дарс гузаронида мешавад. Инчунин дар маркази мазкур ба хонандагон ҳамчун фанҳои умумӣ дарси назарияи мусиқӣ, адабиёти мусиқӣ, солфеджио ва хор гузаронида мешавад. Дар фасли зимистон синфхонаҳо ба воситаи печкаҳо бо истифодаи ангишт гарм карда мешаванд. Мушкилоти асосии мактаби санъат - ин норасоии асбобҳои мусиқии миллӣ, фортепиано, таъмирталаб будани асбобҳои мавҷуда, норасогии синфхонаҳо, мизу курси ва таҷҳизотҳои компьютерӣ ба шумор меравад.

Дар ноҳия фонди умумии китобхонаҳо 126115 адад китобро дар бар мегирад, ки аксарияти онҳо китобҳои бо забони русӣ навишташуда мебошанд. Бояд қайд намуд, ки айни замон ноҳия ба мутахассисони касбии соҳаи китобдорӣ ниёз дорад. Мутахассисони маҳаллӣ ба он ақидаанд, ки имрӯзҳо аксарияти китобхонаҳои деҳот дар биноҳои ҷамоатҳои деҳот ва дигар муассисаҳо қарор дошта, ба меъёрҳои мавҷуда ҷавобгӯ нестанд. Аксарияти китобхонаҳо ба системаи кондитсионӣ, ва дигар таҷҳизоти китобхонавӣ ниёз доранд. Шумораи хонандагони доимӣ дар китобхонаҳои ноҳия 18125 нафарро ташкил менамояд. Дар китобхонаҳои ноҳия китобҳои тозанашр намерасад. Инчунин мавҷуд набудани низоми ягонаи ба қайдгирӣ ба сабаби набудани компютер мушкилотро зиёдтар намудааст.

Дар ноҳия осорхонаи ноҳиявӣ мавҷуд аст, вале ҳолати он ба талаботҳои муосири нигоҳдории осорҳо ва пешкаши осорҳо ҷавобгӯ нест. Он дар дохили бахши фарҳанг ҷойгир буда, дар ҳолати ногувор қарор дорад. Мувофиқи мақсад аст, ки бинои нави Осорхонаи мазкур дар маркази шаҳрак бунёд гардад. Дар ноҳия ёдгориҳои зиёди таърихӣ мавҷуданд.

**Мушкилиҳои асосии соҳаи фарҳанг:**

- Норасоии асбобҳои мусиқии миллӣ ва барқӣ;
- Набудани бинои алоҳидаи Осорхонаи ноҳиявӣ;
- Набудани шабакаи телевизиони ва радиои маҳаллӣ;
- Мавҷуд набудани студияи сабти овоз ва банаворгирӣ;
- Набудани автоклубҳо барои пешкаш намудани хизматрасонии фарҳангии таъҷилӣ-тарғиботӣ;
- Норасоии таҷҳизоти компютерӣ ва дигар лавозимоти идоравӣ;
- Норасоии мутахассисони касбии дорои маълумоти олӣ (саркоргардони соҳаи театр ва чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ, коргардони овоз, навозандагони карнай, раққосаҳои касбӣ ва ғайраҳо);
- Ба таъмири асосӣ ниёз доштани клубҳо ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ;
- Дар биноҳои дастгоҳҳои ҷамоат ва дигар муассисаҳо ҷойгир будани китобхонаҳо.
- Норасоии либосҳои театрӣ ва маҳдуд будани маблағ барои хариди онҳо.

### 3.4. Ҳифзи иҷтимоӣ

***Шуғли аҳолӣ.*** Дар нӯҳ моҳи соли 2016 ба Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Рашт 2340 нафар корҷуён барои дарёфти ҷойи кори доимӣ муроҷиат намудаанд, ки аз ин шумора 818 нафар ҳамчун корҷӯй ба қайд гирифта шуда, ба 818 нафар мақоми бекорӣ дода шуд.

Мутобиқи «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳияи Рашт барои солҳои 2016-2017» дар соли 2016 пешбинӣ шудааст, ки 391 нафар бо мусоидати шуъбаи Агентии ноҳияи Рашт бо кори доимӣ таъмин карда шаванд. Тайи ин муддат 125 нафар корҷӯён бо ҷои кори доимӣ таъмин гардиданд, ки 32,0 фоизи иҷрои дурнамои солонаи чорабинии Барномаро ташкил медиҳад.

Бо мақсади дастгирии шахсони бекор ҷиҳати ташкили корҳои фардӣ ва рушди соҳибкорӣ тавассути қарздиҳии хурд дар нимсолаи якуми соли 2016 ба 42 нафар шаҳрвандони корҷӯ ба маблағи 86405 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шуд. Инчунин, дар ин давра ба 81 нафар бекорон бо назардошти бекорони соли гузашта кумакпулӣ барои бекорӣ дар ҳаҷми 20260 сомонӣ дода шуд.

Дар шаш моҳи соли ҷорӣ 26 нафар шаҳрвандони ба ҳимояи махсуси иҷтимоӣ ниёздошта бо ҷойҳои кории аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бандшуда, бо кор таъмин гардиданд, ки ин 52,0 фоизи дурнамои солонаи Барномаро ташкил медиҳад.

Дар шаш моҳи соли 2016 дар асоси шартномаҳои тарафайн бо корфармоён 85 нафар бекорони дар қайд буда ба корҳои ҷамъиятӣ фаро гирифта шуданд, ки 73,9 фоизи иҷрои пешгӯии солонаи Барномаро ташкил медиҳад.

Баҳри амалӣ намудани «Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳияи Рашт барои солҳои 2016-2017» дар самти касбомӯзӣ ва бозомӯзии шаҳрвандони корҷӯ ва бекор

шуъбаи Агентии ноҳия дар нимсолаи якуми соли 2016 ба 155 нафар мурољиаткунандагон барои касбомўзӣ аз рӯи ихтисосҳои мавриди талаботи бозори меҳнат роҳхат доданд, ки нисбати дурнамои солонаи Барнома (235 нафар) 66,0 фоизро ташкил медиҳад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки масъалаи бақайдгирии созишномаҳои соҳавӣ ва шартномаҳои коллективӣ дар ҳудуди ноҳия дар мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ тамоюли камшавӣ дорад, зеро дар давоми ду соли охир теъдоди шартномаҳои коллективӣ ба маротиб кам гардидааст.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки барои саривақт ва ҳарчи бештар ба қайд гирифтани санадҳои мазкур дар мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз ҷониби шарикони иҷтимоӣ ва сохторҳои ваколатдори давлатӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

***Бекорӣ.*** Бекорӣ яке аз масъалаҳои рӯзмара, ки имрӯз диққати тамоми ноҳияро ба худ ҷалб кардааст, ба ҷои кори доими таъмин намудани аҳоли ва аз байн бурдани бекори аст.

*Ҷадвали №25. Сатҳи бекорӣ*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 |
| Аҳолии қобили меҳнат | 56110 | 57100 | 57400 |
| аз ҷумла, занон | 29979 | 30573 | 30800 |
| Аҳолии қобили меҳнати бешуғл | 24050 | 24510 | 24620 |
| Ба ҳисоби фоиз | 42 | 43 | 43 |
| Бекорон (расман бақайдгирифташуда) | 534 | 620 | 1055 |
| Ба ҳисоби фоиз | 0,02 | 0,02 | 0,04 |

Шумораи аҳолии бешуғл 42 фоизи аҳолии қобили меҳнатро ташкил медиҳад. Хадафи асоси дар доираи Барнома тайи панҷ соли оянда бо ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолии бешуғл аст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар асл сатҳи бекорӣ аз рақамҳои нишондодашуда зиёд аст.

Дар ноҳия аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол 43,0 фоизи захираҳои меҳнатиро (57400 нафар) ташкил медиҳад, ки аз ин 11,9 фоиз (6607 нафар) ба кор машғул ва 88,1 фоиз бешуғл мебошад. Аз аҳолии ба кор машғулбуда 29 фоиз ба соҳаи кишоварзӣ, 36 фоиз ба соҳаи маориф, 13 фоиз ба соҳаи тандурустӣ, илм, фарҳангу варзиш ва 28 фоиз ба дигар соҳаҳо рост меояд. Дар ноҳия барои ба кор таъмин намудани аҳолӣ баъзан ярмаркаи ҷойҳои холии корӣ гузаронида мешавад, вале аз сабаби кам будани маош ва набудани дигар шароитҳои иҷтимоӣ қисми зиёди бо кор таъминшудагон ҷойҳои корро тарк намуда, ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва ё дигар корҳои музднок мераванд.

***Музди меҳнат.*** Дар ноҳияи Рашт қарздорӣ аз пардохти музди меҳнат ба ҳолати 1 июни соли 2016 - 405,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбати ҳамин давраи соли 2015 (324,3 ҳазор сомонӣ буд) 81,2 ҳазор сомонӣ ё 20,0 фоиз зиёд мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки музди миёнаи меҳнат ба як корманд ба ҳолати 1 июни соли 2016 - 610,0 сомонӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2015 (510,0 сомонӣ буд) 100 сомонӣ ё 16,3 фоиз зиёд шудааст.

Шумораи умумии коргарон дар ҳамин давраи соли 2016 - 6820 нафарро ташкил мекунад. Шумораи умумии корхонаҳо дар ҳудуди ноҳия 513 ададро ташкил карда, аз он 369 ададаш корхонаҳое, ки коргарони он аз панҷ нафар зиёд мебошанд ва ҳуқуқи бастани шартномаро доранд.

Шумораи созишномаҳо ва шартномаҳои баимзорасида ба ҳолати 1 июли соли 2016 - 247 адад аз қайд гузаронида шуда 67,0 фоизи корхонаҳое, ки шумораи кормандонашон аз панҷ нафар зиёданд ташкил медиҳад.

Мутобиқи маълумоти оморӣ дар ноҳия ба ҳолати 1 июли соли равон шумораи корхона ва ташкилотҳои фаъолияткунанда 360 адад буда аз аввали сол то ба имруз 14 адад корхона барҳамхурда, 10 адад корхона нав таъсис ёфтааст.

***Муҳоҷирати меҳнатӣ.*** Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки зиёда аз 7992 нафар аҳолии ноҳия (ё 32 фоизи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол, аз он ҷумла 7 фоиз занон)

дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд. Муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз сарчашмаҳои асосии даромади оилаҳо ба ҳисоб меравад.

*Ҷадвали №26. Муҳоҷирати аҳолии қобили меҳнат*

| Сол | Аҳолии қобили меҳнат | Муҳоҷирони меҳнатӣ | Фоизи муҳоҷирон аз аҳолии қобили меҳнат |
|---|---|---|---|
| 2013 | 24050 | 8586 | 35 |
| 2014 | 24510 | 9100 | 37 |
| 2015 | 24620 | 7992 | 32 |

Теъдоди зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ ба Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Қирғизистон асосан барои корҳои сохтмон, тиҷорат ва кишоварзӣ мераванд.

Бо вуҷуди ин бояд қайд кард, ки муҳоҷирати меҳнатӣ дар баробари тарафҳои мусбат (баланд шудани дараҷаи малакаи корӣ, васеъ шудани ҷаҳонбинӣ, беҳтар шудани шароити иҷтимоӣ ва ғ.) оқибатҳои манфӣ низ дорад, аз ҷумла, кам шудани аҳолии қобили меҳнат, аз кор рафтани мутахассисони баландихтисос, аз тарбия дур мондани кӯдакони оилаашон дар муҳоҷиратбуда, бад шудани саломатии муҳоҷирони меҳнатӣ (бисёр вақт дар муҳоҷират дар шароитҳои мушкил зиндагонӣ мекунанд), вайроншавии оилаҳо ва ғайра.

Мутобиқи маълумоти баҳисобгирии рафту омади шаҳрвандон аз ноҳияи Рашт дар солҳои 2012 - 6856 нафар, 2013 - 8586 нафар, 2014 – 9100 нафар ва соли 2015 теъдоди 7992 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ, аз ҷумла 24560 нафар мард ва 7974 нафар зан ба хориҷи кишвар ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар намуданд.

Аз хориҷи кишвар дар солҳои 2012 - 6226 нафар, 2013-12943 нафар, 2014 - 6972 нафар, 2015 - 2670 нафар баргаштанд, ки 23726 нафар мард ва 5085 нафар занҳо мебошанд. Аз ноҳияи Рашт дар ҳашт моҳи соли 2016 теъдоди 2676 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа сафар намуданд, ки аз ин шумора 2161 нафар мард ва 515 нафарро зан ташкил медиҳад.

Бозгашти онҳо то ин давра 289 нафар ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин шумора 224 нафар мард ва 65 нафар зан мебошанд.

***Муҳоҷирати дохилӣ.*** Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2012, №677 дар соли 2015 дар ҳудуди ноҳияи Рашт 20 оила ва ба ноҳияи Лахш 5 оила кӯчонида шуд. Давоми соли 2015 ин оилаҳо аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт ва Лахш бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ таъмин гардиданд.

Аз ҷониби Хадамоти муҳоҷират тавассути бахши Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар ноҳияҳои Рашт ва Лахш маблағи 75000 сомонӣ қарзи имтиёзнок барои пардохт интиқол дода шуд.

Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2015 №647 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2016-2018» дар соли 2016 бояд 5 оила дар ҳудуди ноҳияи Рашт ва 10 оила аз ноҳияи Рашт ба ноҳияи Лахш кӯчонида шавад. Айни замон аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт ба 5 оилаи дар ҳудуди ноҳия кӯчонидашавда қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ ҷудо гардида ва дар рӯзҳои наздик ба онҳо маблағи қарзи имтиёзнок пардохт карда мешавад.

***Муҳоҷирати экологӣ.*** Давоми солҳои 2015-2016 баъд аз бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ дар минтақаи бехавфи ноҳия таъмин шудан 10 хоҷагӣ кӯчонида шуданд. Аз ҷумла, 5 хоҷагӣ соли 2015 ва 5 хоҷагӣ соли 2016.

Муҳоҷирони кӯчонидашуда бо қарзи имтёзнок ва кӯмаки яквақтаинаи моддӣ таъмин гардидаанд. Аз ҷумла соли 2015 ба 5 хоҷагӣ қарзи имтиёзнок ба маблағи 15000 сомонӣ ва кӯмаки якдаъфаинаи моддӣ ба маблағи 2250 сомонӣ ҷамъ 17250 сомонӣ барои пардохт интиқол дода шудааст.

Ба ҳолати имрӯза ба 5 хоҷагии муҳоҷирони экологии соли 2016 бинобар сабаби пешниҳод нагардидани қарори раиси ноҳия оиди ҷудо гардидани қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ қарзи имтиёзнок ва кӯмаки яквақтаъинаи моддӣ интиқол дода нашудааст ва дар мӯҳлати муайян ин масъала ҳаллу фасл мегардад.

Бо мақсади кӯчонидани хоҷагиҳо аз минтақаи хавфноки экологӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 2017-2020 аз ноҳия кучонидани 33 хоҷагӣ дар назар дошта шудааст. Аз ҷумла соли 2017 - 5 хоҷагӣ, соли 2018 -12 хоҷагӣ, соли 2019 – 5 хоҷагӣ ва соли 2020 – 11 хоҷагӣ.

***Табақаи осебпазири аҳолӣ.*** Нафақахӯрон ва маъюбон категорияи аз ҳама осебпазиртарини аҳолӣ ба ҳисоб мераванд. Соли 2015 шумораи нафақахӯрон дар ноҳия 7562 нафар (52,0 фоиз зан), шумораи пиронсолони бесаробонмонда 768 нафар, маъюбон 1890 нафар ва маъюбони модарзод 550 нафарро ташкил дод. Ҳаҷми миёнаи нафақа нафақахӯрон 210,71 сомониро ташкил медиҳад.

# БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

## 4.1. Таъминот бо оби тозаи нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ

Таъмин намудани аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ, яке аз масъалаҳои рӯзмарраи ҷомеа буда, беҳсозии дастрасӣ ба оби нӯшокӣ шашумин Ҳадафи Рушди Устувор аст. Дастрасӣ ба оби нӯшокӣ бо назардошти он афзалиятҳои ҷиддие, ки дар заминаи рушди иҷтимоӣ барои ноҳияи Рашт мавҷуд аст, аз ҷумлаи муқаддамтарин аввалиятҳо ба ҳисоб меравад. Зеро дар ноҳияи Рашт аз шумораи умумии аҳолӣ ҳамагӣ 80,1 фоиз ба оби нӯшокӣ дастрасӣ доранд, қисми зиёди аҳолӣ оби нӯшокиро аз чашмаю ҷӯйҳо истифода мебарад.

*Ҷадвали № 27. Таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ*

| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи аҳолӣ | Таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Нафар | бо фоиз |
| 1 | Ҷамоати шаҳраки Ғарм | 7325 | 5860 | 80 |
| 2 | ҷ/ш. Навобод | 10680 | 9185 | 86 |
| 3 | ҷ/д. Боқӣ Раҳимзорда | 11901 | 9759 | 82 |
| 4 | ҷ/д.Тагоба | 4308 | 2154 | 50 |
| 5 | ҷ/д. Н.Махсум | 5316 | 4200 | 79 |
| 6 | ҷ/д. Оби меҳнат | 2090 | 1892 | 90,5 |
| 7 | ҷ/д. Қалъаи Сурх | 14041 | 10952 | 78 |
| 8 | ҷ/д. Хичборак | 4714 | 4007 | 85 |
| 9 | ҷ/д. Аскалон | 3587 | 3192 | 89 |
| 10 | ҷ/д. Навдӣ | 13758 | 10594 | 77 |
| 11 | ҷ/д. Қалъанак | 8974 | 7448 | 83 |
| 12 | ҷ/д. Ҷафр | 6306 | 4824 | 76,5 |
| 13 | ҷ/д. Ҳоит | 6463 | 5235 | 81 |
| 14 | ҷ/д. Ясман | 2570 | 2390 | 93 |
| | Ҳамагӣ: | 104866 | 81692 | 77,9 |

Дар ҳудуди ноҳияи Рашт хизматрасонии рифоҳӣ танҳо дар шаҳракҳои Ғарм ва Навобод расонида мешавад. Муассисаи хоҷагии коммуналӣ асосан ба кабудизоркунӣ, чароғонкунӣ ва тозагии санитарии кӯчаҳо, ороиши маркази ноҳия ва баровардани партовҳои сахти маишӣ ва моеъ машғул мебошанд, ки он тавассути маблағгузории буҷети маҳаллӣ ва қисман аз ҳисоби пардохти ҳаққи хизматрасонӣ ба муштариён амалӣ мегардад.

Дар тавозуни муассисаи мазкур барои ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ 2 адад автомашинаи партовкаши тамғаи ГАЗ-53 хизмат мерасонад, ки барои фаъолияти самараноки корхона ғайриимкон мебошад. Барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба муассиса 2 адад автомашинаи тамғаи ГАЗ-53 барои кашонидани партовҳо, 2 адад атомашина барои кашидани ахлот, 100 адад қуттиҳои партовҷамъкунӣ, 1 адад автомашинаи обпошӣ ва 1 адад трактори барфрӯбӣ дар фасли зимистон лозим мебошад.

Бо мақсади рушди соҳаи обтаъминкунӣ ва санитария қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2010, №321 «Оид ба Консепсияи рушди соҳаи хоҷагии манзилию коммуналии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2025» қабул гардидааст, ки дар доираи он барои барқарорсозӣ ва рушди системаҳои обтаъминкунии 12 ҷамоати деҳот ва 2 шаҳраки ноҳияи Рашт 154,3 млн. сомонӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва сармояи хориҷӣ ба нақша гирифта шудааст.

## 4.2. Барқтаъминкунӣ

Дар шабакаҳои барқии ноҳияи Рашт 2 адад истгоҳи фаръии 110/35/10 кВ бо насби 2 трансформатори 110 кВт (тавоноии умумиаш 32 МВт), 1 адад истгоҳи фаръии 110/10 кВ (бо тавоноии 6,3 МВт) фаъолият дорад.

Аз сабаби набудани хатти интиқоли гази табиӣ, аҳолии ноҳия аз қувваи барқ зиёд истифода мебаранд, ки боиси дар фасли зимистон тез-тез аз кор баромадани

трансформаторҳо, хаттҳои баркӣ ва шабакаҳои тақсимотӣ мегардад. Таъмини барқ мушкилоти аввалиндарача ва самти афзалиятнок барои ноҳия мебошад.

Захираи обии ноҳия имконият медиҳад, ки дар ҳудуди он нерӯгоҳҳои барқии обӣ бо иқтидори 100 то 500 кВт барои таъмини аҳолии ноҳия қисман бо қувваи барқ бунёд карда шавад (20-25фоиз).

Дар иртибот ба иҷрои Барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи нерӯгоҳҳои хурди баркӣ дар давраи солҳои 2009-2020 дар ҳудуди ноҳия 23 адад нерӯгоҳҳои хурд ба нақша гирифта шудааст.

**4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ**

Дар ноҳия муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Рашт ва минтақаи Ҳоит фаъолият доранд, ки дар тавозуни ин муассисаҳо 26 адад техника ва таҷҳизоти роҳдорӣ мавҷуд буда, аз онҳо 17 адад коршоям мебошанд. Дар тавозуни муассисаҳо 309,3 км роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум қарор доранд, ки аз он 164,55 км роҳҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ мебошанд.

Дар ноҳия роҳи байналмиллалии РБ-07, ки (Душанбе-Ваҳдат-Рашт –Лахш - Саритош) роҳи транзитӣ мебошад, дар тӯли 50,5 км. дар байни маркази ноҳия шаҳраки Ғарм мегузарад, ки мувофиқи стандартҳои мавҷудаи роҳсозӣ бояд роҳи алтернативӣ дошта бошад. Бинобар ин сохтмони соҳи канорагузари ивазкунандаи роҳи маркази ноҳия зарурият дорад.

Роҳи ҷумҳуриявии Сари пул-Навобод соли 2015 -ум 9 км. таъмир гардида, 9,2 км. дигари роҳи мазкур дар ҳолати ногувор қарор дошта, таъмирталаб мебошад. Аз сабаби солҳои тулонӣ истифода ва таъмир нашудан, роҳҳои маҳаллӣ дар ҳолати бад қарор доранд ва барои таъмиру барқарорсозӣ онҳо маблағи зиёд лозим аст.




Дар ноҳия 86,3 км роҳҳои автомобилгард (Сари пул-Ҳичборак 23 км, Бини Сӯфиён-Камароб 18,8 км, Навобод-Хилмонӣ 10 км, деҳаи Амирбек 0,7 км, Ниёзбегиён 2,5 км, ш. Ғарм-Бедак 1 км, Нимич 2 км, Ҷафр 1 км, Чашмаи Кизӣ 1 км, Машконак 1,1 км, Казнок-Вардуч 2 км, Кулло 1 км) ва 5 пул (Сӯфиён-Камароб, Навобод-Хилмонӣ, Ҳоит-Назарайлоқ (ду адад пул), мавзеи дараи Пиёзӣ) дар ҳолати садамавӣ қарор доранд. Барои таъмири асосӣ ва барқарорсозии роҳу пулҳо тақрибан 2,5 миллион сомонӣ лозим аст.

Бояд қайд кард, ки дар микёси ноҳия ду асдад заводи асфалтбарорӣ (маҳалаи Сомониён ва деҳаи Нимич) мавҷуд аст, вале аз соли 2000 то ҳол фаъолият намекунад. Дар ҳолати ба кор даровардани заводҳои мазкур қисме аз мушкилоти идораи хоҷагии роҳи ноҳия ва минтақаи Рашт ҳал хоҳад шуд.

Барои нигоҳдорӣ ва дар ҳолати хуби техникӣ нигоҳ доштани роҳҳои ноҳия бо назардошти таваррум тӯли солҳои 2017-2020 тақрибан 12 млн. долл. ИМА маблағ зарур аст.

Мушкилиҳои соҳа:

- корношоям гардидани қубурҳои обгузар ва пулҳои Камароб, Руноб, Ҳиҷборак, Дуоба, Ялдамич, Хилмонӣ;
- корношоям гардидани пулҳои Сӯфиён-Камароб, Навобод-Хилмонӣ, Ҳоит-Назарайлоқ (ду адад пул), мавзеи дараи Пиёзӣ;
- фарсуда шудани болопӯши роҳҳои маҳаллии ноҳия ба масофаи зиёда аз 67 км;
- барқарорсозии аломатҳо ва сутунҳои аломатҳои роҳ ба миқдори 115 адад;
- фарсуда ва корношоям будани қисме аз техика ва механизмҳои роҳдории Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард;
- корношоям будани заводи асфалтбарории ноҳия.

**4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ**

Дар ноҳия 3 адад истгоҳҳои телефонии марказӣ, 6 адад истгоҳҳои телефонии деҳотӣ ва 1 нуқтаи радио фаъолият карда истодаанд. Дар шаҳраки Ғарм аз ҷониби ҶСК «Тоҷиктелеком» истгоҳи рақамии ширкати Порстели Ҷумҳурии Эрон бунёд гардидааст, ки ғунҷоиши он 1504 адад, аз ҷумла ғунҷоиши истифодашудааш 872 адад муштариро дар бар мегирад.

Дар ҳудуди ноҳия алоқаҳои мобилии ширкатҳои «Tcell», «Вавилон-М», «ТК-мобайл» ва «Мегафон» фаъолият доранд.

Тамоми барномаҳои телевизионии ҷумҳуриявӣ (шабакаи якум, телевизиони Сафина, телевизиони Баҳористон ва телевизиони Ҷаҳоннамо) дар ҳамаи деҳаҳои ноҳия фарогир аст.

**Мушкилоти соҳа:**

Набудани телевизион ва радиои маҳаллӣ,

Дӯкони фурӯши рӯзномаву маҷаллаҳои дар маркази ҷамоатҳои деҳот.

# БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА

## 5.1. Омодагӣ ба ҳолати фавқулодда, пешгирӣ ва кам кардани ҳолати хатари онҳо

Дар солҳои 2013-2015 дар ноҳия 34 ҳодисаи фавқулоддаи табиӣ аз ҷумла 7 сел, 9 ярч, 6 тарма, сардии аз меъёр зиёд - 2, вазидани шамоли сахт 4, баланд шудани сатҳи оби дарёҳо - 2, заминчунбии 3-5 бала 4 маротиба ба қайд гирифта шудааст, ки зиёда аз 5 млн. 448 ҳазору 441 сомонӣ зарари моддӣ расонидааст.

Ҳудуди ноҳия ба равандҳои хатарноки табиӣ мувоҷеҳ аст, ки ба 45 деҳаи ноҳия чунин хатарҳо таҳдид мекунанд. Дар баъзе деҳаҳо якбора хатарҳои зиёде офатҳои табиӣ таҳдид менамояд. Дар ҷадвал равандҳои геологӣ, ки ба деҳаҳо таҳдид мекунанд, оварда шудааст.

*Ҷадвали №28. Эҳтимолияти ба вуҷуд омадани ҳолатҳои фавқулодда дар ноҳияи Рашт*

| Ҷамоатҳои деҳот | Деҳа | Намуди хатарҳо | Ҷамоати деҳот | Деҳа | Намуди хатарҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| Навдӣ | Навдӣ, Бедак, Лояк, Халқарф, Калъаи Махсуд, Ғарми боло Шулмак, Поҷе-поён, Рувоз Бинисофиён, Сангималикӣ, Поче-боло, Пингон Шуле, Диҳи Хоҷаали Шоҳиндара Гилкан, Зарифи, Хиштирок, Порвоғ Қалъа Бустон Ҳиҷборак Ярхаби калон | Сел,<br>сел- Ярч<br>тарма<br>сел<br>ярч<br>ярч-сел | Нусратуло Махсум | Деҳконобод<br>Лойоба<br>Шул<br>Шаҳрисабз<br>Вардуҷ | Сел<br>Сел-ярч<br>Сел-тарма<br>Сел<br>Сел |
| Боқи Раҳимзода | | ярч-сел<br>Сел<br>Сел-тарма<br>Ярч-сел<br>Сел-тарма<br>Сел-ярч<br>Сел<br>Сел<br>Ярч-сел<br>сел | Қалъаи Сурх | Лангарак<br>Кадара<br>Оличаҳако<br>Себистон<br>Шулонак<br>Баҳористон | Ярч-сел<br>сел<br>сел<br>сел<br>Ярч-сел<br>сел |
| Тагоба | | Сел<br>Сел<br>Сел<br>Ярч | Қаланак | Шаҳринав<br>Ялдамич | сел<br>сел |
| | | | Ҳоит | Ҳоит | Ярч-сел |
| Ҳиҷборак | | Ярч-тарма<br>Сел<br>Сел-ярч | Ҷафр | Нимич<br>Мулобарот<br>Ҷафр | ярч-тарма<br>сел<br>сел |

Таҳлилҳо собит менамояд, ки барои пешгирӣ ва бартараф намудани офатҳо ва оқибатҳои онҳо захираҳои моддӣ ва молиявӣ заруранд. Онҳо дар буҷети ноҳия пешбинӣ нашудаанд. Айни замон дар ноҳия 12 хадамот мавҷуд аст, ки ҳангоми ҳодисаҳои фавқулодда сафарбар мешаванд. Дар зер руйхати онҳо оварда мешавад.

*Ҷадвали.29. Маълумот оид ба нерӯю воситаҳои мавҷуда, захираҳо ва эҳтиёҷот*

| Воситаҳои мавҷуда | Захираҳо | Талабот |
|---|---|---|
| Хадамоти алоқа (ҶСШК «Тоҷиктелеком» ) | | |
| Генератор-2-адад (коршоям) | Нест | Сузишворӣ- 5 тонна<br>Нақлиёти алоқаи фаврӣ - 1адад<br>Симчубҳо - 120 дона<br>Кабел-15 км. |
| Хадамоти тиббӣ (Беморхонаи марказии ноҳия) | | |
| Автомашина – 4 адад. (2 корношоям)<br>Дизкамераи сайёр-1 адад<br>Таҷҳизоти ренгенӣ-1 адад | 15% талабот ба доруворӣ | Автомашинаи ёрии таъҷилии тиббӣ -адад<br>Дизкамера - 1адад.<br>Таҷҳизоти флюорографӣ - 1адад |

| | | |
|---|---|---|
| 88 духтур, 328 кмт | | Утоқи сайёри ҷарроҳӣ – 1 адад<br>Маҷмӯӣ таҷҳизоти тиббӣ хаймаҳо, дорувор, сузишворӣ, хӯрока |
| Хадамоти ҳифзи тартибот ҷаъмиятӣ | | |
| 150 нафар корманд<br>14 нафар нозири минтақавӣ ва 2 нафар дар ноҳия<br>5 автомашина (2 БДА,3 хизматӣ) | Нест | Автомошини махсус бо воситаи алоқаи ҳозиразамон 16 радиостансия, сузишворӣ, 1 адад мошини посбонӣ |
| Хадамоти сухторхомушкунӣ | | |
| Нақлиёт 2 адад | 70 литр сӯзишворӣ | Мошини нордбондор 1 адад (ё таъмири чунин мошин) сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ |
| Хадамоти муҳандисӣ | | |
| Корманд 9 нафар | Нест | Нақлиёти боркаш<br>Булдозер<br>Маҳсулотҳои сохтмонӣ<br>Сузишвории дизелӣ |
| Хадамоти роҳ ва нақлиёт | | |
| Корманд- 34 нафар<br>Грейдер- 2 – адад (корношоям)<br>Экскватор- 1 адад (корношоям)<br>Таҷҳизоти кафшер-1 – адад (корношоям) | Нест | С- 100- 5- адад<br>С-130-3- адад<br>Борбардор -2 адад<br>Грейдер-2 адад<br>Сӯзишворӣ -60 тонна<br>Автокран 2 адад |
| Хадамоти комуналӣ | | |
| Корманд- 20 нафар<br>ГАЗ - 53- 1 адад<br>ЗИЛ (обпош)-1 адад<br>ГАЗ -53 (бо манора) 1 адад<br>Т-40-1 адад<br>ГАЗ - 53 – ассенизатор (корношоям) | Нест | Нақлиёти боркаш- 1 адад<br>Нақлиёти обкаш- 1 адад<br>Ассенизатор- 1 адад<br>Т- 40 1 адад.<br>Эскватор- 1 адад.<br>Сузишворӣ-15т қисмҳои эҳтиёти масолеҳӣ сотмон |
| Хадамоти санитарӣ ва безарагардонии сару либос | | |
| Корманд- 28<br>Контейнер барои санҷиш 2 адад.<br>Ташхисгоҳ -2 то<br>Мошини хизматӣ –1 адад. | Хлор-90кг | Нақлиёт бо дизкамера<br>Реактивҳо, барои ташхисгоҳҳо, сузишвори |
| Хадамоти озуқа ва савдо | | |
| Кормандон 13<br>Автомашина- 2<br>Мағозаҳо 4<br>Бозорҳо 1 | Нест | Захираи хурока, либос, сузишшвори, нақлиёти боркаш |
| Хадамоти ҳифзи ҳайвонот ва растани | | |
| Кормандон. -8<br>Автомашина 1 адад.<br>Идораи байтори 1 техника<br>Ветбаклабаратория – 1 адад. | Нест | Трактор бо таҷҳизоҳо -20 адад<br>Сузишвори лизели<br>доруворӣ- |
| Хадамоти барқтаъминкунӣ | | |
| Кормандон 33<br>Зеристгоҳ - 3 адад | Нест | Симчуб- 200<br>Сим –30 км.<br>Кабели АВВТ- 50-4 км.<br>Трансфарматор -8 адад<br>Сузишворӣ – 10тон |
| Хадамоти муҳофизат аз селҳо ва корхои соҳилмустаҳкамкунӣ | | |
| Кормандон-32<br>Булдозер 2 адад.<br>Пойгоҳи насосӣ 5 адад. | Нест | Автокран 1адад.<br>Борбардор 1 адад.<br>КАМАЗ -и боркаш 1 адад.<br>Булдозер 2 адад<br>Сузишворӣ 15т. қисмҳои эҳтиётӣ |
| Ситоди МШ ва ҲФ | | |
| Нест | Нест | Таъсиси ситод |

Масъалаи коҳиш додани хатари ҳолатҳои фавқулодда бояд дар маҷмуъ, бо ҷалби ҳамаи сохторҳои дахлдор баррасӣ ва ҳал карда шавад. Дар ин раванд мувофиқи

намунаи тадбирҳо, нақшаҳои омодаги ба ҳолати фавқулодда зарур аст. Бо назардошти он ки офатҳои табии зиёни ҷидди дар пай доранд, барномаи коҳиш додани зиёни онҳоро бо ҷалби ҳамаи сохторҳо таҳия намудан лозим аст. Мушкилоти асосии бахши пешгири ва коҳиш додани зиёни офатҳои табии:

- Норасоии маблағгузории буҷетӣ ҷиҳати огоҳкуни ва камсамар будани хадамоти огоҳкунии офатҳои табиӣ.
- Корношоям будани механизми огоҳнамои ва кам намудани оқибати ҲФ;
- Баҳогузории техники нашудани фонди манзил;
- Набудани воситаҳои иҷрои тадбирҳои маҷмӯӣ митигатсионӣ.

***Мақсад ва вазифаҳо ҷиҳати кам кардани хатари офатҳои табии***

Мақсади асоси муттаҳид намудани тадбирҳо ҷиҳати коҳишдодани хатари офати табии бо истифодаи тадбирҳои митигатсионӣ ва ғайримитигатсиони ва маблағгузории алоҳида дар ҳамаи буҷетҳои рушд аст.

*Ҷадвали №30. Рӯйхати мавзеъҳои хавфноке, ки барои гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар ноҳияи Рашт эҳтиёҷ доранд*

| № | Номгӯи мавзеъҳо | Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ (метр ) |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| 1. | Ҷамоати деҳоти Қалъаи Сурх деҳаи Себистон ва Баҳористон. Тоза намудани селпартовҳои дохилии деҳа барои ҳимояи деҳаҳо | 1500 |
| 2. | Ҷамоати деҳоти Қалъаи Сурх деҳаҳои Лангарак, Кадара. Тоза намудани селпарто ва сохтани сади муҳофизатии барои ҳимояи деҳаҳо | 1800 |
| 3. | Ҷамоати деҳоти Қалъаи Сурх деҳаи Шулонак, тоза намудани селпарто барои ҳимояи заминҳои кишварзӣ ва деҳа | 1700 |
| 4. | Ҷамоати деҳоти Қалъаи Сурх деҳаи Оличаҳако, тоза намудани селпарто барои заминҳои кишоварзи ва хоҷагиҳо | 500 |
| 5. | Ҷамоати деҳоти Қалъаи Сурх деҳаҳои Ниёзбегиён ва Нигова тоза намудани селпарто барои ҳимояи деҳаҳо | 2000 |
| 6. | Ҷамоати деҳоти Б. Раҳимзода деҳаи Рувоз сохтани садди муҳофизатӣ барои ҳимояи заминҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳо аз дарёи Сорбоғ | 200 |
| 7. | Ҷамоати деҳоти Б. Раҳимзода деҳаи Шоҳиндара тоза намудани селпарто ва сохтани сади муҳофизатӣ барои ҳимояи деҳа | 500 |
| 8. | Ҷамоати деҳоти Б. Раҳимзода деҳаи Пингон тоза намудани селпарто ва сохтани сади муҳофизатӣ барои барои ҳимояи деҳа | 200 |
| 9. | Ҷамоати деҳоти Б. Раҳимзода, деҳаи Бинисуфиён. Мустаҳкамкуни садди муҳофизатй дар дарёи Сорбоғ | 50 |
| 10. | Ҷамоати деҳоти Б. Раҳимзода деҳаи Шуле тоза намудани селпарто барои ҳимояи деҳа | 100 |
| 11. | Ҷамоати деҳоти Б. Раҳимзода деҳаи Дашти Боғистон сохтани садди муҳофизатӣ барои ҳимояи деҳа аз дарёи Камароб | 100 |
| 12. | Ҷамоати деҳоти Б. Раҳимзода, деҳаи Сангималики тоза намудани селпарто | 150 |
| 13. | Маркази ноҳия Шаҳраки Ғарм мустаҳкамкунии сади ҳимоявӣ ш Ғарм дар дарёи Сурхоб | 500 |
| 14. | Сохтани садд баро ҳимояи деҳаи Баҳодуробод аз дарёи Сорбоҷи ҷамоати деҳоти Б. Раҳимзода | |
| 15. | Ҷамоати деҳоти Ҷафр, деҳаи Ҷафр барқарор намудани садди муҳофизатии деҳоти Ҷафр | 700 |
| 16. | Шаҳраки Ғарм маҳалаи Сомониён мустаҳкамкунии сарбанди канали 50-солагии Тоҷикистон | 200 |
| 17. | Ҷамоати деҳоти Қаланак деҳи Хуфак мустаҳкамкунии садди муҳофизатии сарбанди канал ва садди ҳимоявии барои муҳофизати канал ва заминҳои кишоварзӣ аз дарёи Сурхоб | 800 |
| 18. | Тоза намудани қади дарёчаи Бедаки ҷамоати деҳоти Навдӣ ва доҳили ш. Ғарм | 1 300 |
| 19. | Сохтани садд барои ҳимояи шоҳроҳи Ваҳдат Рашт Ҷиргатол дар мавзеи Сари пул ва Нимич аз дарёи Сурхоб | 100 |
| 20. | Мустаҳкамкунии садд дар ҷамоати деҳоти Ҳоит барои ҳимояи пули мошингузар ва роҳи ҷумҳуриявии Нимич - Ҳоит аз дарёи Сурхоб | 100 |

| № | Номгӯи мавзеъҳо | Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ (метр ) |
|---|---|---|
| 21. | Тоза намудани селпартои деҳаҳои Вардуч ва Қазноқи ҷамоати деҳот Н. Махсум | 250 |
| 22. | Тоза намудани селпартои деҳаи Лойобаи ҷамоати деҳоти Н. Махсум | 300 |
| 23. | Сохтани садди ҳимояви барои пули мошингузар ва хонаҳои истиқоматии деҳаи Ҳиҷбораки ҷамоати деҳоти Ҳиҷборак аз дарёчаи Шурак | 130 |
| 24. | Соҳилмустаҳамкунӣ дар дар деҳаи Зрангаки ҷамоати деҳоти Ҳиҷборак дар дарёи Сурхоб | 200 |
| | Сохтани садди ҳимояви барои ҳимояи заминҳои кишоварзӣ ва биноҳои истиқоматӣ, муассисаи талими дар деҳаи Каланаки ҷамоати деҳоти Қаланак. Дар дарёи Каланак | 200 |

# БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВИИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ РУШД

***Низоми идоракунӣ ва захираҳои инсонӣ.*** Органи масъули мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт, бахши рушди иқтисод ва савдо мебошад, ки ба ӯҳдадориҳои функсионалии он, дастгирии маъмурию техникии гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт ва зергурӯҳҳои ташаббускори он, баланд намудани иқтидори онҳо оид ба масоили банақшагирии рушд, ташкил ва гузаронидани вохӯриҳо, мизҳои мудаввар оид ба масъалаҳои банақшагирӣ, роҳандозӣ ва назорати раванди ҷамъоварӣ, таҳлил ва интегратсияи маълумотҳо, экспертизаи стратегияҳои соҳавӣ ва мутобиқгардонии онҳо бо стратегияҳои миллӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳавию минтақавӣ, ҳамкории зич бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо мусоидати техникӣ ба гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ, тартиб додани ҳисоботҳои мунтазам аз рӯи натиҷаҳои мониторинг, вогузор гардидааст.

Масъули таҳия ва татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт - яке аз муовинони Раиси ноҳия мебошад, ки бахши иқтисодиёт, бахши рушди иқтисод ва савдоро сарпарастӣ намуда, ҳамзамон роҳбари гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи барномаи мазкур ба ҳисоб меравад.

*Мушкилиҳои асосии* мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт вобаста ба татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия ва пешниҳоди хизматрасониҳои босифат ба аҳолӣ, чунинанд:

- Иқтидори нисбатан пасти техникии бахши рушди иқтисод ва савдо ва дигар шӯъбаҳо МИҲД оид ба масъалаҳои банақшагирии рушди комплексии иҷтимоию иқтисодӣ, буҷет, мониторинг ва арзёбӣ, фондрейзинг ва тарҳрезии лоиҳаҳои сармоягузорӣ.
- Сатҳи пасти донишҳои тахассусии кормандони хизмати давлатӣ оид ба истифодаи технологияҳо ва таҷҳизотҳои компютерӣ.
- Сатҳи пасти музди меҳнат ва мавҷуд набудани низоми ҳавасмандгардонии кормандон.
- Сатҳи пасти дастрасӣ ба шабакаи интернет ва шабакаи ягонаи компютерӣ барои содда намудани раванди мувофиқа ва ҷустуҷӯи ҳуҷҷатҳо, инчунин ҷорӣ намудани базаи ягонаи маълумотҳо.
- Мавҷуд набудани баҳисобгирии электронии муҳосибавӣ дар сатҳи МИҲД ва ҷамоатҳо.

**Таъминоти буҷетиву молиявӣ.** Маблағгузории «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2017-2020» дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи Буҷети давлатӣ ва аз ҳисоби сармояҳои дохилию хориҷӣ (соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ) ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайрибуҷетие, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, дохил мешаванд:

- Сармояи хориҷӣ аз ҳисоби шарикони рушд, ки дар иҷрои Барнома ҳавасманданд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо;
- Ҳаққи аъзогии иштирокчиён дар татбиқи Барнома;
- Пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои ҳавасманд дар иҷрои Барнома;
- Қарзҳои бонкӣ;
- Сармояи ихтиёрии муҳоҷирони меҳнатии берунмарзе, ки дар таъмини Барнома ҳавасманданд.
- Маблағи фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;

Аз рӯи ҷамъбасти иҷроиши буҷети ноҳияи Рашт барои соли 2015 дар муқоиса бо таҳлили иҷроиши буҷет дар солҳои 2013 ва 2014 ҳолати иҷро нагардидани нақшаи ҳамаи нишондиҳандаҳо ба назар мерасад. Ғайр аз ин, дар соли 2015 дар пасманзари иҷроиши барзиёди нақшаи даромадҳои худӣ, иҷро нагардидани нақша аз рӯи ҳамагуна даромадҳо аз ҳисоби субвенсия, ки мутаносибан ба хароҷотҳо таъсири худро расонидааст, ба мушоҳида мерасад.

*Диаграммаи №13. Даромад ва хароҷоти буҷети ноҳияи Рашт дар давоми солҳои 2013-2015 (ҳаз. сомонӣ)*




*Диаграммаи №14. Иҷрои буҷети ноҳияи Рашт (в %)*




*Диаграммаи №15. Сохтори қисми даромади буҷети ноҳияи Рашт дар солҳои 2013-2015 (бо %)*




Дар сохтори қисми даромади буҷети ноҳия андоз аз даромад, андоз аз фоида, андоз бо низоми соддакардашуда ва ААИ, нақши муҳим мебозанд. Бояд қайд кард, ки рушди муназзами корхонаҳои истеҳсолӣ ҳамасола ба афзоиши ҳиссаи андоз аз фоида

мусоидат менамояд. Дар соли 2015 дар муқоиса ба соли 2013 ин намуди андоз беш аз 2,5 маротиба зиёд шудааст.

Дар қисми хароҷоти буҷети ноҳия ҳиссаи назаррасро хароҷот ба соҳаҳои иҷтимоӣ, ки ба он маориф, тандурустӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва фарҳанг дохил мешавад, ташкил медиҳад.

Дар соли 2015 ҳиссаи соҳаҳои иҷтимоӣ дар буҷети маҳаллӣ 81,0 фоизро ташкил додааст, ки ин ба самти иҷтимоӣ нигаронида шудани буҷети маҳаллиро ифода менамояд.

Мутаасифона, хароҷот барои рушди иқтисодиёт беш аз 1 фоиз буда, ҳамасола коҳиш ёфта истодааст.

*Диаграмма №7. Сохтори хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯи бахшҳои хароҷот (бо %)*




*Диаграммаи №8. Сохтори хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯи моддаҳои хароҷот (бо %)*



Қисми асосии хароҷотҳои соҳаҳои буҷетиро хароҷот барои музди меҳнати кормандон ва пардохтҳои андозӣ ташкил медиҳанд, ки 70% маблағи умумии хароҷотҳоро ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, маблағгузориҳои мутамарказ низ ҳиссаи назаррасро ишғол менамоянд, илова бар ин дар соли 2015 ҳаҷми онҳо нисбат ба соли 2014 тақрибан 26% афзоиш ёфтааст.

Қисми асосии хароҷоти маблағҳои мутамарказ (зиёда аз 80%) барои сохтмони бино ва иншоотҳо (ғайри манзил) сарф мешавад. Дар давраи солҳои 2014-2015 барои ин мақсад 10990,6 ҳазор сомонӣ хароҷот гардидааст. Барои харидории мошину таҷҳизотҳо қариб 14%-и маблағи умумии хароҷоти маблағҳои мутамарказ сарф мешавад. Дар тӯли солҳои 2014-2015 ба маблағи 1772,2 ҳазор сомонӣ мошину таҷҳизот харидорӣ шудааст.

Дар маҷмӯъ оид ба иҷрои нишондиҳандаҳои буҷети ноҳияи Рашт ҳолати ташвишовар ба назар мерасад. Дар радифи афзоиши ҳаҷми даромадҳо ва хароҷотҳо, иҷрои нишондиҳандаҳои нақшавӣ бадтар шуда истодааст. Гайр аз ин, вобастагии буҷети ноҳия аз субвенсияҳо, иҷрои уҳдадориҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро оиди хароҷотҳо, боз ҳам муракабтар мегардонад.

Бо ин мақсад дар чор соли оянда яке аз афзалиятҳои асосии «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2017-2020», ин зиёд намудани қисми даромади буҷаи маҳаллӣ мебошад. Ҷалб намудани тамоми воситаҳои имконпазири иловагии даромад ба буҷети маҳал, ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар доираи барномаи мазкур боз ҳам тақвият дода хоҳад шуд

***Таъминоти молиявии БРН.*** Соли 2015 танҳо тавассути филиали бонкҳои амалкунанда (Амонатбонк, Тоҷиксодиротбонк, Агроинвестбонк, Эсхата, Ориёнбонк ва ғайра) ва бахшҳои ташкилоти қарздиҳии хурди Имон Интернейшнл, Ҳумо, Финка ва дигарҳо, аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ 28,7 млн. доллари ИМА ва 143 млн. рубли русӣ ворид гаштааст, ки нисбати соли 2012 тақрибан 3,7 млн. доллари ИМА ва 43 млн. рубли русӣ зиёд мебошад. Дар ҳолати боз ҳам беҳтар намудани шароит барои соҳибкорӣ ва самаранок истифода бурдани маблағҳои воридшуда, маблағҳои дохилию хориҷӣ, инчунин ҷалби маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ метавонад сарчашмаҳои асосии таъмини татбиқи Барномаи мазкур гардад.

Барои дарёфти манбаи маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятноки соҳаҳои иқтисодиёти ноҳияи Рашт, ки дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2016-2020 пешбинӣ шудаанд, ҳамагӣ дар ҳаҷми 583,01 миллион сомонӣ маблағ лозим мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 84,2%-и лоиҳаҳои дар Барномаи рушд, зикршуда сарчашмаи маблағгузориашон муайян мебошанд. Аз ҷумла ин лоиҳаҳо аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, буҷети вилоятӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, сармояи хориҷии ташкилотҳои байналхалқӣ ва маблағҳои соҳибкорон, ташкилоту муассисаҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолии ноҳияи Рашт маблағгузорӣ мегарданд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Раштро лозим аст, ки истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва дигар сарчашмаҳои маблағгузории барои татбиқи Барномаи рушди ноҳия пешбинишударо, ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор диҳад. Мутахассисони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия оид ба роҳҳои асосии ҷалби маблағҳои иловагӣ барои татбиқи чорабиниҳои пешбинигардида, таҷрибаи кофӣ доранд. Аз ин лиҳоз, онҳоро лозим аст, ки ҳамкориро бо ташкилотҳои молиявии байналхалқии муқими ҷумҳурӣ тақвият дода, тартиби дурусти таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҷалби воситаҳои молиявии иловагиро ба таври васеъ истифода ва татбиқ намоянд. Инчунин, масъалаҳоро оид ба ташкили раванди «Фондрейзинг» мавриди баррасӣ қарор дода, барои дар амал татбиқ намудани он чораҳои зарурӣ андешанд.

# БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳимми системаи идораи татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад. Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттаасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ бо қарори Раиси ноҳия таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти маҳаллии ноҳия ). Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро раиси ноҳия ё яке аз муовинони он сарпарастӣ мекунад. Бо қарори мазкур барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди ноҳия бахш ё шӯъбаи рушди иқтисод ва савдои ноҳия масъул муайян карда мешавад.

1. Барои мониторинги Барномаи рушди ноҳия мушоҳидаи омилҳои зерин зарур аст:

- ба ҳадафҳои Барнома то кадом андоза муваффақ мешавем;
- дар доираи Барнома лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Воқеан, низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

*Мониторинги натиҷаҳои Барнома* тавассути индикаторҳо анҷом дода мешавад. Аз рӯи он ҳадафҳои гузошташуда то кадом андоза ба даст омадааст, муайян карда мешавад. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

*Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо* тавассути параметрҳои назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо Барнома гузаронида мешавад. Барои гузаронидани он ҷадвали электронӣ бо формати Excel тартиб дода мешавад ва ҳар семоҳа ба таври синхронӣ бо ҳисоботи лоиҳаҳо аз нав тасҳеҳ карда мешаванд.

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои Барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.

## Занҷири мантиқии Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2017-2020

| № | Номгӯи иншоотҳо | Воҳиди ченак | Ҳаҷми умумии маблағҳо | Солҳои | | | | Масъулин | Сарчашмаи маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | | |
| **I. Бахши иқтисодӣ** | | | | | | | | | |
| **Соҳаи кишоварзӣ** | | | | | | | | | |
| 1 | *Сохтмони қубури обгузар дар мавзеи «Ҳоит»-и ноҳияи Рашт* | *ҳазор сомонӣ* | *600* | *300* | *300* | | *-* | *Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди ҲҶТ* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* |
| 2 | *Обёрӣ намудани 575 га заминҳои қитъаи «Варзигон», «Ҳисорак», «Қалъанак», «Шаҳринав», «Лугиёзӣ», «Яр-хич» (қарори ҲҶТ аз 02.12.2006, №517)* | *ҳазор сомонӣ* | *451* | *-* | *-* | *200* | *251* | *Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди ҲҶТ* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* |
| | | *ҳазор сомонӣ* | *1273* | *-* | *-* | *773* | *500* | | *Сармоягузории хориҷӣ* |
| 3 | *Обёрии заминҳои мавзеи Қальаи Сурх ва фурудгоҳ аз дарёи Рунов* | *ҳазор сомонӣ* | *3100* | *-* | *-* | *2000* | *1100* | *Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди ҲҶТ* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* |
| 4 | *Сохтмони канали заминҳои «Нимич» (қарори ҲҶТ аз 02.12.2006, №517)* | *ҳазор сомонӣ* | *183* | *-* | *-* | *183* | *-* | *Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди ҲҶТ* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* |
| | | *ҳазор сомонӣ* | *45* | *-* | *-* | *45* | | *Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди ҲҶТ* | *Сармоягузории хориҷӣ* |
| 5 | *Дар заминаи Боғи ботаникии фарҳангии "Кӯҳсори аҷам" ташкил намудани филиали минтақавии Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *ҳазор сомонӣ* | *500* | | *250* | *250* | | *Академияи илмҳои кишоварзии ҶТ, соҳибкор Акобиров М* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* |
| 6 | *Барқарор намудани канали Осиёби бод дар ҷамоати деҳоти Қалъанак* | *ҳазор сомонӣ* | *1200* | *300* | *300* | *300* | *300* | *Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди ҲҶТ* | *Сармояи хориҷӣ* |
| 7 | *Сохта ба истифода додани канали Мардумӣ дар ҷ/д Қалъаи Сурх* | *ҳазор сомонӣ* | *2500* | *500* | *500* | *750* | *750* | *Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди ҲҶТ* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* |
| 8 | *Бунёди 50 га боғи интенсивӣ дар ҷ/д Қалъаи сурх, Н. Махсум ва Тагоба* | *ҳазор сомонӣ* | *3950* | *1000* | *1000* | *1000* | *950* | *Агентии захираҳои моддии давлатии назди ҲҶТ ва сармояи хориҷӣ* | *Сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* |
| 9 | *Бунёд ва барқарорсозии 200 га. боғҳо дар миқёси ноҳия* | *ҳазор сомонӣ* | *2000* | *500* | *500* | *500* | *500* | *Раёсати кишоварзии МИҲД н. Рашт* | *Аҳолӣ ва соҳибкорон* |
| 10 | *Сохтмон ва барқарор намудани насосҳои обкашӣ ва чоҳҳои амудӣ* | *ҳазор сомонӣ* | *1500* | *500* | *500* | *500* | | *Агентии беҳдошти замин ва Раёсати кишоварзии МИҲД н. Рашт* | *Сармояи дохилӣ* |

| № | Номгӯи иншоотҳо | Воҳиди ченак | Ҳаҷми умумии маблағҳо | Солҳои | | | | Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | | |
| 11 | Сохтмони сардхонаҳо барои нигаҳдории меваю сабзавот дар миқёси ноҳия | ҳазор сомонӣ | 3000 | 1000 | 1000 | 1000 | | Агентии захираҳои моддии давлатии назди ҲҶТ ва Раёсати кишоварзии МИҲД н. Рашт | Сармояи дохилӣ |
| | ҲАМАГӢ | | 20302 | 4100 | 4350 | 7501 | 4351 | | |
| | Бӯҷети ҷумҳуриявӣ | | 7334 | 800 | 1050 | 3383 | 2101 | | |
| | Сармояи хориҷӣ | | 2518 | 300 | 300 | 1118 | 800 | | |
| | Сармояи дохилӣ | | 10450 | 3000 | 3000 | 3000 | 1450 | | |
| | **Соҳаҳои саноат ва соҳибкории хурду миёна** | | | | | | | | |
| 12 | Сохтмони сехи атласу адрасбофӣ дар шаҳраки Ғарм, Навобод ва маркази ҷамоатҳои деҳоти ноҳия | ҳазор сомонӣ | 2800 | 1000 | 1000 | 800 | | Шуъбаи кор бо занҳо, оила МИҲД-и ноҳияи Рашт ва Шарикони Рушд | Сармояи хориҷӣ |
| 13 | Сохтмони сехи коркарди пилла ва истеҳсоли нахи абрешим | ҳазор сомонӣ | 2500 | 1000 | 1000 | 500 | | Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ ва КВД “Пилла” | Сармояи хориҷӣ |
| 14 | Сохтмони корхонаи хурди истеҳсоли қолинҳо аз нахи абрезим ва дигар ашёи хоми маҳаллӣ | ҳазор сомонӣ | 3000 | 2000 | 1000 | | | Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ, соҳибкорон ва Шарикони рушд | Сармояи хориҷӣ |
| 15 | Сохтмони корхонаи коркарди мева ва сабзавот | ҳазор сомонӣ | 1500 | 1500 | | | | ҶДММ “Пайванд Рашт” давлатии назди ҲҶТ ва Раёсати кишоварзии МИҲД н. Рашт | Сармояи дохилӣ |
| 16 | Барқарорсозии корхонаи истеҳсоли санги мармар | ҳазор сомонӣ | 4000 | 2000 | 2000 | - | - | Соҳибкорон | Сармоягузории хориҷӣ |
| 17 | Сохтмони корхонаи коркард ва бастабанди маҳсулоти кишоварзӣ | ҳазор сомонӣ | 1000 | 500 | 500 | | | Соҳибкорон | Сармоягузории дохилӣ |
| 18 | Сохтмони корхонаи истеҳсоли хишти пухта | ҳазор сомонӣ | 1500 | 1500 | | | | Соҳибкорон | Сармоягузории дохилӣ |
| 19 | Сохтмони корхонаи истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ | ҳазор сомонӣ | 1000 | 1000 | | | | Соҳибкорон | Сармоягузории хориҷӣ |
| 20 | Сохтмони корхонаи мебелбарорӣ | ҳазор сомонӣ | 500 | 500 | | | | Соҳибкорон | Сармоягузории дохилӣ |
| 21 | Дастгири намудани 5 адад хоҷагиҳои кишоварзӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти картошкагӣ | ҳазор сомонӣ | 106 | 53 | 53 | | | МИҲД-и н. Рашт ва Шарикони рушд | Сармояи хориҷӣ Фонди Огохон |

| № | Номгӯи иншоотҳо | Воҳиди ченак | Ҳаҷми умумии маблағҳо | Солҳои | | | | Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | | |
| 22 | Дастгири намудани 2 нафар соҳибкорҳо оид ба рушди соҳибкории хурд | ҳазор сомонӣ | 52 | 52 | | | | МИҲД-и н. Рашт ва Шарикони рушд | Сармояи хориҷӣ Фонди Огохон |
| 23 | Дастгири намудани як гурӯҳи муайян оид ба рушди ананаҳои мардумӣ | ҳазор сомонӣ | 16 | 16 | | | | МИҲД-и н. Рашт ва Шарикони рушд | Сармояи хориҷӣ Фонди Огохон |
| | ҲАМАГӢ | | 17974 | 11121 | 5553 | 1300 | | | |
| | Сармояи хориҷӣ | | 9474 | 5121 | 3053 | 1300 | | | |
| | Сармояи дохилӣ | | 8500 | 6000 | 2500 | | | | |
| | **Соҳаи сохтмон** | | | | | | | | |
| 24 | Сохтмони хонаи истиқоматии 48 хуҷрадор барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | ҳазор сомонӣ | 2500 | 1000 | 1500 | | | Дирексияи сохтмони иншооти ҳукумати ДИП ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 25 | Сохтмони бинои маъмурии Ҷамоати деҳоти Тагоба | ҳазор сомонӣ | 1200 | 600 | 600 | - | | МИҲД н. Рашт | Буҷети маҳаллӣ |
| 26 | Сохтмони бинои маъмурии Ҷамоати деҳоти Ҳиҷборак | ҳазор сомонӣ | 1200 | 600 | 600 | - | - | МИҲД н.Рашт | Буҷети маҳаллӣ |
| 27 | Сохтмони бинои маъмурии Ҷамоати деҳоти Б. Раҳимзода | ҳазор сомонӣ | 2100 | | 1000 | 750 | 450 | МИҲД н.Рашт | Буҷети маҳаллӣ |
| 28 | Сохтмони бинои маъмурии Ҷамоати деҳоти Аскалон | ҳазор сомонӣ | 1200 | - | | 600 | 600 | МИҲД н.Рашт | Буҷети маҳаллӣ |
| 29 | Сохтмони бинои маъмурӣ ва толори маҷлисгоҳ барои 400 ҷой дар шаҳраки Навобод | ҳазор сомонӣ | 2500 | 1000 | 1000 | 500 | | Дирексияи сохтмони иншооти ҳукумати ДИП ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 30 | Сохтмони бинои Раёсати кишоварзӣ бо лабараторияи бойторӣ | ҳазор сомонӣ | 1200 | 600 | 600 | | | Вазорати кишоварзии ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| | ҲАМАГӢ: | | 11900 | 3800 | 5300 | 1850 | 1050 | | |
| | Буҷети ҷумҳуриявӣ | | 6200 | 2600 | 3100 | 500 | | | |
| | Буҷети маҳҳалӣ | | 5700 | 1200 | 2200 | 1350 | 1050 | | |
| | **II. Занҷри мантиқии блоки иҷтимоӣ** | | | | | | | | |
| | **Соҳаи маориф** | | | | | | | | |
| 31 | Сохтмони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №10 дар деҳаи Тагоба, №22 деҳаи Ҳоит ва №14 дар деҳаи Ярхаб | ҳазор сомонӣ | 5100 | 1700 | 1700 | 1700 | | Дирексияи сохтмони иншооти ҳукумати ДИП ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 32 | Сохтмони мактаб барои кӯдакони лаёқатманд дар деҳаи Дашти н. Рашт | ҳазор сомонӣ | 6550 | 2000 | 2000 | 2550 | | Вазорати маориф ва илми ҶТ ва илми ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 33 | Сохтмони мактаби №25 барои 624 ҷой дар ҷамоати деҳоти Қалъанак | ҳазор сомонӣ | 1000 | 500 | 500 | - | - | Вазорати маориф ва илми ҶТ ва илми ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 34 | Сохтмони мактаби №27 барои 624 ҷой дар деҳаи Навдӣ | ҳазор сомонӣ | 1600 | 1600 | | | | МИҲД н.Рашт | Буҷети маҳаллӣ |
| 35 | Сохтмони бинои нави иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии №76-деҳаи Каландак, | ҳазор сомонӣ | 6000 | 2000 | 1500 | 1500 | 1000 | МИҲД н.Рашт | Буҷети маҳаллӣ |

| № | Номгӯи иншоотҳо | Воҳиди ченак | Ҳаҷми умумии маблағҳо | Солҳои | | | | Масъулин | Сарчашмаи маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | | |
| | №18-деҳаи Яшм, №41-деҳаи Мулло Барот, №28-деҳаи Кочон, №46-деҳаи Ғавосиён, №71-деҳаи Рувоз ва №37 деҳаи Қулло | | | | | | | | |
| 36 | Сохтмони бинои нави иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии №53, деҳаи Себистон, №102 деҳаи Чакиҳо, №33 деҳаи Аскалон, №64 деҳаи Ярхич, №30 деҳаи Лойоба, №7 деҳаи Шулмак, №44 деҳаи Боғистон ва №86 деҳаи Қалъаи Мақсуд | ҳазор сомонӣ | 8000 | 2000 | 2000 | 2000 | 2000 | Аҳолӣ ва Шарикони рушт | Сармояи хориҷӣ |
| 37 | Сохтмони бинои иловагӣ дар боғчаи бачагони №1 дар шаҳраки Ғарм | ҳазор сомонӣ | 1500 | 750 | 750 | | | МИХД н. Рашт | Буҷети маҳаллӣ |
| 38 | Сохтмони бинои нави таълимии омӯзишгоҳи касбии техникии №61 | ҳазор сомонӣ | 2445 | 500 | 600 | 700 | 645 | Вазорати маориф ва илми ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 39 | Сохтмони бинои нави хобгоҳи омӯзишгоҳи касбии техникии №61 | ҳазор сомонӣ | 3200 | 1600 | 1600 | - | | Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии ДИП ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 40 | Сохтмони бинои таълимӣ ва хобгоҳ барои омӯзишгоҳи омӯзгорӣ | ҳазор сомонӣ | 2500 | 500 | 700 | 1300 | | Вазорати маориф ва илми ҶТ ва илми ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 41 | Сохтмони бинои нави таълимӣ барои 240 ҷойи нишаст, хобгоҳ барои 100 ҷойи хоб ва толори варзишии мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ дар шаҳраки Навобод | ҳазор сомонӣ | 5200 | 1000 | 2000 | 2200 | | Вазорати маориф ва илми ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 42 | Сохтмони бинои иловагии мактаби №3 дар деҳаи Қазноқ | ҳазор сомонӣ | 1500 | 1000 | 500 | | | МИХД н.Рашт | Буҷети маҳаллӣ |
| 43 | Сохтмони бинои иловагии мактаби № 8 дар деҳаи Навобод | ҳазор сомонӣ | 2500 | 2000 | 500 | | | БМИМТ | Сармояи хориҷӣ |
| 44 | Сохтмони бинои иловагӣ дар муассисаи таҳсилоти умумии №13 деҳаи Кадара | ҳазор сомонӣ | 1000 | 1000 | | | | БМИМТ | Сармояи хориҷӣ |
| 45 | Сохтмони мактаби Президентӣ дар ноҳия | ҳазор сомонӣ | 70000 | 17500 | 17500 | 17500 | 17500 | Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии ДИП ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 46 | Барқарор намудани системаи гармидиҳии муассисаи таҳсилоти умумии №1, шаҳраки Ғарм | ҳазор сомонӣ | 1000 | 500 | 500 | | | МИХД ноҳияи Рашт ва Шарикони рушд | Буҷети маҳаллӣ ва сармояи хориҷӣ |
| 47 | Сохтмони бинои нави таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти умумии №16 деҳаи Чашмаи Қозӣ | ҳазор сомонӣ | 2500 | | 1000 | 750 | 750 | Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии ДИП ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 48 | Сохтмони мабраз дар боғчаи бачагона ва мабразҳои ҷамъиятӣ дар назди бозори шаҳраки Ғарм | ҳазор сомонӣ | 266 | 133 | 133 | | | МИХД ноҳияи Рашт ва Шарикони рушд | Сармояи хориҷӣ Фонди Огохон |

| № | Номгӯи иншоотҳо | Воҳиди ченак | Ҳаҷми умумии маблағҳо | Солҳои | | | | Масъулин | Сарчашмаи маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | | |
| | *ҲАМАГӢ* | | 121861 | 36283 | 33483 | 30200 | 21895 | | |
| | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | | 98495 | 25300 | 27600 | 26700 | 18895 | | |
| | *Буҷети махҳалӣ* | | 11100 | 5850 | 2750 | 1500 | 1000 | | |
| | *Сармояи хориҷӣ* | | 12266 | 5133 | 3133 | 2000 | 2000 | | |
| | **Соҳаи тандурустӣ** | | | | | | | | |
| 49 | Гузаронидани таъмири капиталии 16 шуъба, ҳаммом, ошхона, анбор ва идораи маъмурияти Беморхонаи марказии ноҳия | ҳаз. сомонӣ | 2500 | 1000 | 500 | 500 | 500 | МИҲД н. Рашт | Буҷети маҳаллӣ |
| 50 | Сохтмони Шуъбаи ҷарроҳӣ дар Беморхонаи ноҳиявӣ | ҳаз. сомонӣ | 3000 | 2000 | 1000 | | | Вазорати тандурусти ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 51 | Харидори намудани таҷҳизотҳои тиббӣ барои муассисаҳои тандурустии ноҳия | ҳаз. сомонӣ | 1500 | 500 | 500 | 500 | | Вазорати тандурусти ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ | Сармояи хориҷӣ |
| 51 | Сохтмони бинои иловагӣ дар назди беморхонаи шаҳраки Навобод | ҳаз. сомонӣ | 1200 | 600 | 600 | | | Вазорати тандурусти ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ | Сармояи хориҷӣ |
| 52 | Гузаронитани таъмири маркази саломатӣ дар деҳаҳои Ҳоит ва Шул | ҳаз. сомонӣ | 314 | 157 | 157 | | | Вазорати тандурусти ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ | Сармояи хориҷӣ Фонди Огохон |
| | *ҲАМАГӢ* | | 8514 | 4257 | 2757 | 1000 | 500 | | |
| | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | | 3000 | 2000 | 1000 | | | | |
| | *Буҷети маҳаллӣ* | | 2500 | 1000 | 500 | 500 | 500 | | |
| | *Сармояи хориҷӣ* | | 3014 | 1257 | 1257 | 500 | | | |
| | **Соҳаи фарҳанг ва фарогат** | | | | | | | | |
| 53 | Сохтмони осорхона дар шаҳраки Ғарм | ҳазор сомонӣ | 2500 | 1000 | 1000 | 500 | | Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии ДИП ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 54 | Сохтмони Қасри ҷавонон дар шаҳраки Ғарм | ҳазор сомонӣ | 1500 | 750 | 750 | - | - | Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии ДИП ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 56 | Бунёди китобхона ва клуби фанҳангӣ дар ҷамоати деҳоти Н. Мақсум барои 150 ҷойи нишаст | ҳазор сомонӣ | 500 | | 250 | 250 | | МИҲД н. Рашт | Буҷети маҳаллӣ |
| | *ҲАМАГӢ* | | 4500 | 1750 | 2000 | 750 | | | |
| | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | | 4000 | 1750 | 1750 | 500 | | | |
| | *Буҷети маҳаллӣ* | | 500 | | 250 | 250 | | | |

| № | Номгӯи иншоотҳо | Воҳиди ченак | Ҳаҷми умумии маблағҳо | Солҳои | | | | Масъулин | Сарчашмаи маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | | |
| **Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ** | | | | | | | | | |
| 57 | Сохтмони бинои маъмурии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати ноҳияи Рашт | ҳазор сомонӣ | 1500 | 1000 | 500 | | | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 59 | Сохтмони марказ бо таҷҳизотҳои махсус барои кӯдакони маъюб ва имконияташон маҳдуд | ҳазор сомонӣ | 1500 | | 500 | 500 | 500 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| | ҲАМАГӢ | | 3000 | 1000 | 1000 | 500 | 500 | | |
| | Буҷети ҷумҳуриявӣ | | 3000 | 1000 | 1000 | 500 | 500 | | |
| **III. Бахши инфрасохтор** | | | | | | | | | |
| **Барқтаъминкунӣ** | | | | | | | | | |
| 60 | Сохтмони НБО-и хурди «Ҳоит» (қарори ҲҶТ аз 02.02.2009, №73) | ҳазор сомонӣ | 1200 | - | 600 | 600 | | Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ | Сармоягузории хориҷӣ |
| 61 | Сохтмони НБО-и хурди «Ясман» (қарори ҲҶТ аз 02.02.2009, №73) | ҳазор сомонӣ | 1000 | - | | 500 | 500 | Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ | Сармоягузории хориҷӣ |
| 62 | Сохтмони НБО-и хурди «Сарипул» (қарори ҲҶТ аз 02.02.2009, №73) | ҳазор сомонӣ | 1900 | - | - | 1000 | 900 | Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ | Сармоягузории хориҷӣ |
| 63 | Сохтмони НБО-и хурди «Қарагушхона» (қарори ҲҶТ аз 02.02.2009, №73) | ҳазор сомонӣ | 1200 | - | - | 600 | 600 | Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ | Сармоягузории хориҷӣ |
| 64 | Сохтмони НБО-и «Дуоба» (қарори ҲҶТ аз 02.02.2009, №73) | ҳазор сомонӣ | 1900 | 1000 | 900 | | | Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ | Сармоягузории хориҷӣ |
| 65 | Сохтмони НБО-и «Пингон» (қарори ҲҶТ аз 02.02.2009, №73) | ҳазор сомонӣ | 4000 | - | 2000 | 2000 | - | Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ | Сармоягузории хориҷӣ |
| 66 | Иваз намудани мавқеи ҷойгиршавии НОБ-и хурди Каландак | ҳазор сомонӣ | 4000 | 2000 | 2000 | - | - | ШСХК «Барқи Тоҷик» | Маблағҳои худи |
| 67 | Барқарорсозии хатҳои интиқоли барқии 10 кВ | ҳазор сомонӣ | 840 | 230 | 160 | 190 | | ШСХК «Барқи Тоҷик» | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 68 | Барқарорсозии хатҳои интиқоли барқии 0,4 кВ | ҳазор сомонӣ | 1080 | 300 | 220 | 250 | | ШСХК «Барқи Тоҷик» | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 69 | Барқарорсозии зеристгоҳи хурди 10/0,4 кВ | ҳазор сомонӣ | 1090 | 500 | 300 | 290 | | ШСХК «Барқи Тоҷик» | Маблағҳои худӣ |
| 70 | Трансформаторҳои қувваги̇и 10/0,4 кВ | ҳазор сомонӣ | 800 | 200 | 200 | 200 | 200 | ШСХК «Барқи Тоҷик» | Маблағҳои худӣ |

| № | Номгӯи иншоотҳо | Воҳиди ченак | Ҳаҷми умумии маблағҳо | Солҳои | | | | Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | | |
| | ҲАМАГӢ | | 19010 | 4230 | 6380 | 5630 | 2200 | | |
| | Буҷети ҷумҳуриявӣ | | 1920 | 530 | 380 | 440 | | | |
| | Сармояи дохилӣ | | 5890 | 2700 | 2500 | 490 | 200 | | |
| | Сармояи хориҷӣ | | 11200 | 1000 | 3500 | 4700 | 2000 | | |
| | **Обтаъминкунӣ ва ХМК** | | | | | | | | |
| 71 | Бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолии ноҳияи Рашт (қарори ҲҶТ аз 02.12.2006, №514) | ҳазор сомонӣ | 382,5 | 76,5 | 76,5 | 76,5 | 153 | КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| | | | 255 | 51 | 51 | 51 | 102 | | Буҷети маҳаллӣ |
| | | | 1785 | 357 | 357 | 357 | 714 | | Сармоягузории хориҷӣ |
| | | | 127,5 | 25,5 | 25,5 | 25,5 | 51 | | Хоҷагидорӣ |
| 72 | Бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолии ноҳияи Рашт (қарори ҲҶТ аз 02.12.2006, №514) | ҳазор сомонӣ | 124 | 18,9 | 22,4 | 23,5 | 59,2 | КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| | | | 82,8 | 12,6 | 15,0 | 15,6 | 39,6 | | Буҷети маҳаллӣ |
| | | | 578,3 | 88,1 | 104,7 | 109,5 | 276 | | Сармоягузории хориҷӣ |
| | | | 41,2 | 6,3 | 7,5 | 7,8 | 19,6 | | Хоҷагидорӣ |
| 73 | Барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳраки Навобод | ҳазор сомонӣ | 1200 | 600 | 600 | | | КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | Сармоягузории хориҷӣ |
| 74 | Бо оби нӯшокӣ таъмин намудани минтақаҳои нави аҳолинишини миқёси ноҳия | ҳазор сомонӣ | 1000 | 250 | 250 | 250 | 250 | МИҲД н. Рашт ва Шарикони Рушд | Сармоягузории дохилӣ |
| 75 | Кашидани хати оби нӯшокӣ ба маҳаллаҳое, ки бо оби нӯшокӣ таъмин нестанд | ҳазор сомонӣ | 3500 | 1000 | 1000 | 1000 | 500 | МИҲД н. Рашт ва Шарикони Рушд | Сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ |
| 76 | Сохтмони хати оби нӯшокӣ дар деҳаи Нимич | ҳазор сомонӣ | 212 | 106 | 106 | | | МИҲД н. Рашт ва Шарикони Рушд | Сармояи хориҷӣ Фонди Огохон |
| | ҲАМАГӢ | | 9288,3 | 2591,9 | 2615,6 | 1916,4 | 2164,4 | | |
| | Буҷети ҷумҳуриявӣ | | 506,5 | 95,4 | 98,9 | 100 | 212,2 | | |
| | Буҷети маҳаллӣ | | 337,8 | 63,6 | 66 | 66,6 | 141,6 | | |
| | Сармояи хориҷӣ | | 7275,3 | 2151,1 | 2167,7 | 1466,5 | 1490 | | |
| | Сармояи дохилӣ | | 1168,7 | 281,8 | 283 | 283,3 | 320,6 | | |
| | **Нақлиёт ва хоҷагии роҳ** | | | | | | | | |
| 77 | Барқарор намудани пулҳои Суфиён - Камароб, Навобод – Тагоба ва Шуле | ҳазор сомонӣ | 300 | | 150 | 150 | | Вазорати нақлиёт, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | номуайян |
| 78 | Мумфарш намудани роҳи автомобилгарди Сари пул – шаҳраки Навобод (фазаи II) | ҳазор сомонӣ | 12000 | 12000 | | | | | Сармояи хориҷӣ |
| 79 | Барқарор намудани пулҳои ҷамоати деҳоти Ҳоит | ҳазор сомонӣ | 500 | | | 250 | 250 | | Сармояи хориҷӣ |

| № | Номгӯи иншоотҳо | Воҳиди ченак | Ҳаҷми умумии маблағҳо | Солҳои | | | | Масъулин | Сарчашмаи маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | | |
| 80 | Таъмири роҳҳои маҳаллӣ Суфиён-Камароб (18км.), Навобод- Тагоба-Порвоғ (10км.) | ҳазор сомонӣ | 2200 | 500 | 550 | 550 | 550 | Вазорати нақлиёт,МИҲД ноҳияи Рашт | номуайян |
| 81 | Таъмири роҳи автомобилгарди Рунов Аскалон (8км) | ҳазор сомонӣ | 1200 | | 600 | 600 | | Вазорати нақлиёт,МИҲД ноҳияи Рашт | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 82 | Барқарор намудани пули мошингузар дар 1 км роҳи Сарипул -Ҳиҷборак | ҳазор сомонӣ | 200 | | | 200 | | Вазорати нақлиёт,МИҲД ноҳияи Рашт | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 83 | Харидори намудани қисмҳои эҳтиётӣ барои техника ва таҷҳизотҳои нигоҳдории роҳ | ҳазор сомонӣ | 225 | 45 | 45 | 45 | 90 | Вазорати нақлиёти ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 84 | Гузаронидани таъмири капиталӣ ва ҷорӣи иншоотҳои идораи хоҷагии роҳи ноҳия | ҳазор сомонӣ | 250 | 50 | 50 | 50 | 100 | Вазорати нақлиёти ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| | ҲАМАГӢ | | 16875 | 12595 | 1395 | 1845 | 990 | | |
| | Буҷети ҷумҳуриявӣ | | 1875 | 95 | 695 | 895 | 190 | | |
| | Сармояи хориҷӣ | | 12500 | 12000 | | 250 | 250 | | |
| | Номуайян | | 2500 | 500 | 700 | 700 | 550 | | |
| | **Ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқуллодаю мудофиаи гражданӣ** | | | | | | | | |
| 85 | Сохтмони бинои маъмурии Шуъбаи ҳифзи муҳити зист дар ноҳияи Рашт | ҳазор сомонӣ | 1200 | 1000 | 200 | | | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди ҲҶТ | Маблағҳои худӣ |
| 86 | Таҳияи нақшаи ноҳиявии омодаги ба офатҳои табии дар ноҳияи Рашт | ҳазор сомонӣ | 2000 | 500 | 500 | 500 | 500 | Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди ҲҶТ ва МИҲД н. Рашт | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| 87 | Таҳия ва амали намудани Барномаи ҳифзи муҳити зист дар ноҳияи Рашт | ҳазор сомонӣ | 2000 | 500 | 500 | 500 | 500 | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди ҲҶТ, МИҲД н. Рашт ва Шарикони рушт | Сармояи хориҷӣ |
| 88 | Дастгири намудани 100 хоҷагиҳои хонагӣ дар сохтмони мабразҳои инфиродӣ | ҳазор сомонӣ | 102 | 51 | 51 | | | МИҲД-и н.Рашт Шарикони рушд | Сармояи хориҷӣ Фонди Огохон |
| | ҲАМАГӢ | | 5302 | 2051 | 1251 | 1000 | 1000 | | |
| | Буҷети ҷумҳуриявӣ | | 2000 | 500 | 500 | 500 | 500 | | |
| | Сармояи дохилӣ | | 1200 | 1000 | 200 | | | | |
| | Сармояи хориҷӣ | | 2102 | 551 | 551 | 500 | 500 | | |

| № | Номгӯи иншоотҳо | Воҳиди ченак | Ҳаҷми умумии маблағҳо | Солҳои | | | | Масъулин | Сарчашмаи маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | | |
| | **Таъминоти захиравӣ** | | | | | | | | |
| 89 | Ташкил намудани веб сайти МИМХД - ноҳияи Рашт бо мақсади ҷорӣ намудани элементҳои ҳукумати электронӣ дар маҳал | ҳазор сомонӣ | 55 | 55 | | | | МИҲД н. Рашт | Буҷети маҳаллӣ |
| 90 | Беҳтар намудани сифати манбаи маълумоти оморӣ ва гузариш ба маълумоти омории барномавӣ | ҳазор сомонӣ | 40 | | | | 40 | МИҲД н. Рашт | Буҷети маҳаллӣ |
| 91 | Таъмини шуъбаи иқтисод ва савдои ноҳия бо ҳуҷҷатҳои стратегӣ, барномаҳои минтақавӣ ва соҳавӣ, дастурамалҳо ва дигар маводҳо, таҳияи бизнес планҳо, базаи маълумот оид ба донорҳо | ҳазор сомонӣ | 35 | | 35 | | | МИҲД н. Рашт | Буҷети маҳаллӣ |
| 92 | Таъмиру таҷҳизонидани биноҳои маъмурии ҷамоати деҳотиҳои ноҳия | ҳазор сомонӣ | 1500 | 300 | 600 | | | МИҲД н. Рашт | Буҷети маҳаллӣ |
| 93 | Таъмин ва пайваст намудани шуъбаҳо, бахшҳои МИҲД-и ноҳияи Рашт ва биноҳои маъмурияти ҷамоатҳои деҳоти ноҳия бо интернет | ҳазор сомонӣ | 90 | | 90 | | | МИҲД н. Рашт | Буҷети маҳаллӣ |
| 94 | Таъмин намудани шӯъбаҳои МИҲД бо техника ва таҷҳизотхои муосири компютери ва маводҳои зарурӣ | ҳазор сомонӣ | 24 | | 8 | | | МИҲД н. Рашт | Буҷети маҳаллӣ |
| 95 | Таҳияи базаи ягонаи электронии маълумотҳои омории ноҳия ва тайёр намудани қонун ва санадҳои меъёрӣ барои кормандони МИҲД | ҳазор сомонӣ | 25 | 10 | 15 | | | МИҲД н. Рашт | Сармояи хориҷӣ |
| 96 | Таҳия намудани базаи маълумотҳо оид ба донорҳо, аниқ намудани соҳаи фаъолияти онҳо, афзалиятҳо ва стратегияи донорҳо. | ҳазор сомонӣ | 5 | 5 | | | | МИҲД н. Рашт | Буҷети маҳаллӣ |
| 97 | Ташкил намудани бахши мониторинг ва арзёбӣ дар назди Шуъбаи рушди иқтисод ва савдои МИҲД ноҳия ва дар ин замина ҷудо намудани воҳидҳои кории иловагӣ | ҳазор сомонӣ | 10 | 5 | 5 | | | МИҲД н. Рашт ва Шарикони рушт | Сармояи хориҷӣ |
| 98 | Ташкил намудан ва омӯзонидани раванди «фондрезинг» бо мақсади ҷалби маблағҳои иловагӣ. | ҳазор сомонӣ | 6 | | | 6 | | МИҲД н. Рашт | Сармояи хориҷӣ |
| | ҲАМАГӢ | | 1790 | 375 | 753 | 6 | 40 | | |
| | Буҷети маҳаллӣ | | 1744 | 355 | 733 | | 40 | | |
| | Сармояи хориҷӣ | | 41 | 15 | 20 | 6 | | | |
| | ҲАМАГӢ АРЗИШИ БАРНОМА | | 240316,3 | 84153,9 | 66837,6 | 53498,4 | 34690,4 | | |

Ба чоп 11.01.2017 имзо шуд.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 5,94. Ҳуруфи адабӣ.
Адади нашр 100.

ОПЕРАТИВНАЯ ПОЛИГРАФИЯ КОНТРАСТ

Дар ҶДММ «Контраст» чоп шудааст
ш. Душанбе, к. Н. Муҳаммад, 28